# СОЗИШНОМА

## ОИД БА ШАРИКӢ ВА ҲАМКОРӢ,
## КИ ШАРИКИИ МИЁНИ
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОНРО АЗ ЯК ТАРАФ ВА
## ИТТИҲОДИ АВРУПО ВА ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ОНРО АЗ ТАРАФИ ДИГАР,
## ТАЪСИС МЕДИҲАД

ШОҲИГАРИИ БЕЛГИЯ,

ҶУМҲУРИИ ЧЕХИЯ,

ШОҲИГАРИИ ДАНИЯ,

ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАЛИИ ГЕРМАНИЯ,

ҶУМҲУРИИ ЭСТОНИЯ,

ҶУМҲУРИИ ЮНОН,

ШОҲИГАРИИ ИСПАНИЯ,

ҶУМҲУРИИ ФРАНСИЯ,

ИРЛАНДИЯ,

ҶУМҲУРИИ ИТАЛИЯ,

ҶУМҲУРИИ КИПР,

ҶУМҲУРИИ ЛИТВА,

ҶУМҲУРИИ ЛАТВИЯ,

ҲЕРСОГИИ БУЗУРГИ ЛУКСЕМБУРГ,

ҶУМҲУРИИ МАҶОРИСТОН,

ҶУМҲУРИИ МАЛТА,

ШОҲИГАРИИ НИДЕРЛАНДҲО,

ҶУМҲУРИИ АВСТРИЯ,

ҶУМҲУРИИ ПОЛША,

ҶУМҲУРИИ ПОРТУГАЛИЯ,

ҶУМҲУРИИ СЛОВЕНИЯ,

ҶУМҲУРИИ СЛОВАКИЯ,

ҶУМҲУРИИ ФИНЛАНДИЯ,

ШОҲИГАРИИ ШВЕД,

ШОҲИГАРИИ МУТТАҲИДАИ БРИТАНИЯИ КАБИР ВА ИРЛАНДИЯИ ШИМОЛӢ,

ки Тарафҳои Созишномаи таъсисдиҳандаи Иттиҳоди Аврупо ва Созишномаи таъсисдиҳандаи Иттиҳоди Ангишту Пулоди Аврупо ва Созишномаи таъсисдиҳандаи Иттиҳоди Аврупоии Неруи Атомӣ мебошанд ва сипас «Давлатҳои аъзо» номида мешаванд, ва

ИТТИҲОДИ АВРУПО, ИТТИҲОДИ АВРУПОИИ НЕРУИ АТОМӢ,

ки сипас «Иттиҳод» номида мешаванд,

аз як тараф ва

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз тарафи дигар,

- *ба манзури* муносибатҳои миёни Иттиҳод, Давлатҳои аъзои он ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзишҳои барои ҳар ду ҷониб умумӣ,

- *бо эътирофи* он, ки Иттиҳод ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мехоҳанд, то ин муносибатҳоро таҳким кунанд ва шарикиву ҳамкорӣ бунёд кунанд, то муносибатҳоеро, ки аз ин пеш доштанд, махсусан, дар чаҳорчӯбаи Созишнома дар бораи тиҷорат ва ҳамкории иқтисодӣ миёни Иттиҳоди иқтисодии Аврупо ва Иттиҳоди Аврупоии оиди Неруи Атомӣ ва Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ, ки 18 декабри с. 1989 баста шуда буд, жарфтар гардонанд,

- *ба манзури* уҳдадории Иттиҳоду Давлатҳои аъзои он ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди таҳкими озодии сиёсиву иқтисодӣ, ки асоси шарикиро ташкил медиҳанд,

- бо эътирофи он, ки дар иртибот бо ин ҳимояи истиқлолият ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон худ таъмини сулҳу амният дар Осиёи Марказӣ мебошад,

- *бо манзури* уҳдадории Тарафҳо оиди таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ ва ҳаллу фасли сулҳомези баҳсҳо ва ҳамкорӣ бо ҳамин мақсад дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Амнияти ва Ҳамкории Аврупо (САҲА),

- *бо манзури он*, ки Иттиҳоду Давлатҳои аъзои он ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиддан ӯҳдадор шудаанд, ки ҳамаи муқаррарот ва ҳамаи принсипҳои асосии Асноди (Акти) фарҷомии Конфронс дар бораи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (КАҲА), Асноди Фарҷомии дар Мадриду Вена қабул шуда, асноди Конвенсияи КАҲА дар бораи ҳамкории иқтисодӣ, ки дар Бонн қабул шуда аст, асноди Хартияи Парижӣ барои Аврупои Нав ва «Масъалаҳои ислоҳот» -ро, ки дар ҳуҷҷати КАҲА дар Хелсинки с. 1992 қабул шуда аст, ҳамчунин дигар асноди асосии САҲА -ро анҷом хоҳанд дод,

- *бо итминон* бар аҳамияти аввалиндараҷаи волоияти қонун ва риояи ҳуқуқҳои инсон, бавижа, ҳуқуқҳои шахсони мансуб ба ақаллияти миллӣ, барпо намудани низоми бисёрҳизбӣ бо таъмини интихоботи озоду демократӣ ва либераликунонии иқтисодиёт бо мақсади таҳкими иқтисодиёти бозаргонӣ,

- *ба пиндори он* ки иҷрои пурраи Созишномаи мазкур оиди шарикӣ ва ҳамкорӣ ба тамдид ва анҷоми ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва фароҳам сохтани омилҳои барои ҳамкорӣ зарур вобастагӣ дораду мусоидат мекунад, бахусус, дар партави қарорҳои Анҷумани КАҲА дар Бонн,

- *хоҳони* мусоидат ба раванди мусолиҳати миллии дохилӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз созишномаҳои сулҳи Маскав оғоз шуда буд,

- *хоҳони* мусоидат ба раванди ҳамкории минтақавӣ бо кишварҳои ҳамсоя ба мақсади мусоидат ба шукуфоӣ ва амнияти дар минтақа дар соҳаҳое, ки Созишномаи мазкур фаро мегирад,

- *хоҳони* оғози рушди гуфтугуи (диалог) пайвастаи сиёсӣ доир ба масъалаҳои дуҷониба ва байналмилалӣ, ки ба онҳо Тарафҳо таваҷҷӯҳи умумӣ доранд,

- *ба эътирофу* дастгирии хоҳиши Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди ҳамкории зич бо ҳама муассисаҳои аврупоӣ,

- *ба манзури* зарурати мусоидат ба сармоягузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, бавижа, дар соҳаи энергетика ва идораи захираҳои обӣ, ба тасдиқи аҳамияте, ки Иттиҳод, Давлатҳои аъзои он ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Хартияи Энергетикии Аврупо ва ба иҷрои пурраи Созишномаи Хартияи Энергетикии Аврупо ва Протоколи Хартияи Энергетикии Аврупо оиди истифодаи самараноки неру бо назардошти ҷанбаҳои ҳимояи муҳити зист медиҳанд,

- *ба манзури* хоҳиши Иттиҳод дар бораи тибқи зарурат таъмин кардани ҳамкории иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ёрии техникӣ, ки дар айни замон мубориза зидди бебизоатиро низ фаро мегирад,

- *ба назардошти* он, ки Созишномаи мазкур ба наздикшавии батадриҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи нисбатан фароҳи ҳамкорӣ дар Аврупо ва минтақаҳои ҳамсоя, ҳамчунин ба интегрансияи рӯзафзун дар низоми кушоди тиҷоратӣ мусоидат мекунад,

- *ба манзури* ухдадории Тарафҳо оиди либераликунонии тиҷорат, ки ба низомномаи Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС) мувофиқ аст ва аз тарафи Иттиҳод пазирои ёфтани кушишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аъзои СҶС шудан,

  *ба дарки зарурати* беҳтар гардондани шароитҳое, ки ба тиҷорату сармоягузорӣ мусоидат мекунанд, инчунин беҳтар гардондани шароитҳо дар соҳаҳое чун таъсиси ширкатҳо, корҷӯӣ, пешниҳоди хидмат ва гардиши сармоя,

- *ба боварӣ* аз он ки Созишномаи мазкур барои Тарафҳо шароити нав барои робитаҳои иқтисодии онҳо, аз он ҷумла барои ривоҷи тиҷорату сармоягузорӣ, ки асоси азнавсозии сохтори иқтисодӣ ва навгардонии технологӣ мебошанд, эҷод хоҳад кард,

- *хоҳони* ба вуҷуд овардани як ҳамкории зич дар соҳаи муҳофизати муҳити зист бо манзури вобастагии ҳамдигарӣ, ки миёни Тарафҳо дар ин соҳа вуҷуд дорад,

- *бо эътирофи* он, ки ҳамкорӣ барои пешгирӣ ва назорати муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ҷинояткории байналмилалии муташаккилу гардиши маводи мухаддир, ҳамчунин мубориза алайҳи терроризм вазифаҳои мӯътабари Созишномаи мазкурро ташкил медиҳанд,

- *хоҳони* ба вуҷуд овардани ҳамкории фарҳангӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи таълим ва беҳ гардондани вазъи мубодилаи иттилоот

*Ба мувофиқати зайл расиданд:*

## МОДДАИ 1

Бад-ин васила шарикии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф ва Иттиҳоду аъзои он аз тарафи дигар, таъсис хоҳад ёфт. Мақсади ин шарикӣ ин аст:

- дастгирии мустақилият ва ҳокимияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дастгирии талошҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таҳкими демократияш, тараққии иқтисодиёти ва муассисаҳои иҷтимоии давлатӣ он ва таъмини гузариши он ба иқтисодиёти бозаргонӣ;

- муҳайё кардани чаҳорчубаҳои мувофиқ барои гуфтугуи (диалог) сиёсӣ миёни Тарафҳо, ки ба рушди муносибатҳои сиёсӣ мусоидат мекунанд;

- мусоидат кардан ба тиҷорат, сармоягузорӣ, хусусан ба соҳаи энергетика ва хоҷагии об, ба муносибатҳои мавзуни иқтисодӣ миёни Тарафҳо ва, гузашта аз он, тарғиб кардани тараққии устувори иқтисодии Тарафҳо;

- таъмин кардани бунёди ҳамкории қонунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, шаҳрвандӣ, илмӣ, саноатӣ, технологӣ ва фарҳангӣ;

## ФАСЛИ I

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### МОДДАИ 2

Эҳтироми принсипҳои демократӣ ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои Эъломияи ҳуқуқи башар, Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Санади хотимавии Хелсинки ва Хартияи Париж барои Аврупои нав, ки сиёсати хориҷӣ ва дохилии Тарафҳоро пуштибонӣ намуда, унсури муҳимтарини ин Созишномаро ташкил медиҳанд.

### МОДДАИ 3

Тарафҳо чунин мешуморанд, ки барои дар оянда ноил шудан ба некуаҳволӣ ва субот дар минтақаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ муҳим аст, ки давлатҳои мустақили дар натиҷаи пошхӯрии ИҶШС бавуҷудомада, ки минбаъд «Давлатҳои мустақил» номида мешаванд, байни ҳамдигар ҳамкориҳоро мутобиқи принсипҳои Санади хотимавии Хелсинки, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, дар рӯҳи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ барқарор ва инкишоф дода, ба ин раванд мусоидати ҳамаҷониба намоянд.

## ФАСЛИ II

## ГУФТУГУИ СИЁСӢ

### МОДДАИ 4

Миёни Тарафҳо гуфтугуи (диалог) мунтазам ва доимии сиёсӣ ташкил мешавад ва тарафайн тасмим гирифтаанд, ки онро тараққӣ ва тақвия медиҳанд. Вай наздикшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳодро ба ҳамдигар ҳамроҳӣ ва устувор хоҳад кард, дигаргуниҳои сиёсӣ ва иқтисодиро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ мепайванданд, дастгирӣ хоҳад кард ва ба бунёд кардани шаклҳои навини ҳамкорӣ мусоидат хоҳад кард. «Гуфтугуи сиёсӣ»:

- ба таҳкими пайвандҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳод ва Давлатҳои аъзои он, аз ин рӯ, умуман, бо иттиҳоди давлатҳои демократӣ мусоидат хоҳад кард. Наздикии иқтисодӣ, ки бар асари ин Созишнома муяссар мегардад, барои пайвандҳои сиёсии фаолтар боис хоҳад гашт;

- наздикшавии ҳар чӣ бештари мавқеъҳоро дар мавриди баррасии масъалаҳои байналмилалӣ, ки ба онҳо ҳар ду тараф таваҷҷӯҳ доранд, фаро хоҳад гирифт, ки ин боиси устувор шудани амният ва пайдорӣ дар минтақа мегардад;

- он чизҳоро дар назар хоҳад дошт, ки Тарафҳоро ба ҳамкорӣ дар корҳои марбут ба риояи принсипҳои демократия ва эҳтирому ҳимояву таҳкими ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ҳуқуқи ақаллияти миллӣ водор месозад ва дар мавриди зарурат оиди масъалаҳои вобаста ба доир гардидани машваратҳоро талқин мекунад иртибот.

Тарафҳо чунин мешуморанд, ки паҳнкунии силоҳҳои қатли омм ва барандаҳои онҳо, қатъи назар аз он, ки онҳо ба ихтиери давлат ё унсурҳои ғайридавлатӣ меафтанд, аз бузургтарин хатарҳо барои пойдориву амнияти байналмилалӣ ҳисоб мешаванд. Аз ин рӯ, Тарафҳо тасмим мегиранд, дар мубориза бо густариши силоҳҳои қатли омму барандаҳои онҳо саҳмгузор бошанд, баҳри пурра риоя кардан ва дар сатҳи давлатӣ анҷом додани вазифаҳое, ки дар чаҳорчӯбаи созишномаву қарордодҳои оиди халъу пешгирии густариши силоҳ ва дигар созишномаҳои байналмилалии оиди он масъала муқаррар карда шудаанд, ҳамкорӣ намоянд. Тарафҳо итминон доранд, ки ин муқарраротунсури асосии Созишномаи мазкурро ташкил медиҳад ва дар оянда як ҳиссаи гуфтугуи (диалог) сиёсӣ хоҳад буд, ки унсурҳои мазкурро гирд оварда мепайвандад.

Тарафҳо тасмим мегиранд, ки аз ин ба пас низ дар муборизаи зидди паҳншавии силоҳи қатли омму барандаҳои онҳо тавассути тадбироти зерин ҳамкорӣ хоҳанд кард:

- тайёрӣ дидан барои имзогузориву ба тасвибрасонӣ ва амалӣ гардондани пешниҳодҳо ва истифодаи пурра аз имконоте, ки ҳамкорӣ дар арсаи байналмилалӣ фароҳам меоварад;

- сохтани низоми самараноки назорат аз болои содироти давлатӣ, ки интиқоли маводеро, ки ба силоҳи қатли омм мансубият дорад, назорат мекунад, аз ҷумла истифодаи интиҳоии технологияҳои таъйиноташон духеларо зери тафтиш гирад, инчунин барои вайрон намудани қоидаҳои содирот чораи таъсирбахш бояд пешбинӣ гардад. Чунин гуфтугу метавонад дар миқёси минтақа баргузор гардад.

## МОДДАИ 5

Дар сатҳи вазирон гуфтугуи сиёсӣ дар чаҳорчӯбаи Шӯрои ҳамкорӣ, ки тибқи Моддаи 77 таъсис дода шуда аст ва дар мавридҳои дигар тибқи мувофиқати дутарафа баргузор хоҳад гашт.

МОДДАИ 6

Тарафҳо низоми коргузорӣ ва механизмҳои дигари гуфтугуи сиёсиро дар шаклҳои зерин таъсис хоҳанд дод:

- мулоқотҳои муназзам дар сатҳи ашхоси баландрутбаи расмӣ миёни намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф ва намояндагони Иттиҳоду Давлатҳои аъзои он аз тарафи дигар;
- истифодаи пурраи имтиёзҳои роҳу воситаҳои дипломатии байни худи Тарафҳо, хусусан ин гуна робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар ҷодаҳои гуногун, аз ҷумла дар доираи анҷуманҳои СММ ва САҲА ва дигар;
- ва ҳар воситаи дигар, аз он ҷумла, имконияти мулоқоти коршиносон, ки ба таҳкиму тараққии ин гуфтугу мусоидат хоҳанд кард;

ФАСЛИ III

ТИҶОРАТИ АМВОЛ

МОДДАИ 7

1.Тарафҳо ба якдигар низоми аз ҳама муносибро дар ҳамаи соҳаҳо нисбат ба:

- пардохт ва боҷҳои гумрукӣ, ки аз молҳои воридотӣ ва содиротӣ ситонда мешаванд, аз ҷумла усули ситонидани чунин пардохту боҷҳо;

- муқаррароти марбут ба поксозии гумрукӣ, транзит, анборҳо ва ҳамли зиёд;
- андозҳо ва ҳар намуди пардохтҳои дохилие, ки молҳои воридотӣ андозбандӣ мешаванд;
- усулҳои пардохт ва таҳвили чунин пардохтҳо;
- қоидаҳое, ки ба фурӯш, харид, интиқол, тақсимот ва истифодабарии молҳо дар бозори дохилӣ дахл доранд, фароҳам меоваранд.

2. Муқаррароти банди 1 ба нуқтаҳои зерин татбиқ намешаванд:

а. бартариҳое, ки бо мақсади таъсиси иттиҳоди гумрукӣ ё минтақаи савдои озод ё дар натиҷаи ташкил ёфтани чунин иттиҳод ё минтақаҳо пешниҳод мегарданд;

б. бартариҳое, ки ба кишварҳои муайян тибқи қоидаҳои Созмони ҷаҳонии савдо ё созишномаҳои байналмилалӣ ба фоидаи кишварҳои тараққиёбанда пешниҳод мегарданд;

в. бартариҳое, ки ба кишварҳои ҳамсоя бо мақсади мусоидат ба савдои наздисарҳадӣ пешниҳод мегарданд.

3. Муқаррароти параграфи 1 дар давоми давраи гузариш, ки баъди гузаштани панҷ сол аз рӯзи эътибор пайдо кардани Созишнома оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ поён меёбад, ба бартариҳое, ки дар замимаи 1 оварда шуда Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар давлатҳои дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ бавуҷудомада пешниҳод менамояд, татбиқ намегарданд.

## МОДДАИ 8

1. Тарафҳо дар он мувофиқат доранд, ки принсипи транзити озод шарти асосии расидан ба мақсадҳои ин Созишнома мебошад.

   Дар робита бо ин, ҳар як Тараф аз қаламрави худ транзити ғайри маҳдуди молҳоеро, ки дар ҳудуди гумрукии Тарафи дигар истеҳсол шудаанд, ё барои ҳудуди гумрукии Тарафи дигар таъинот доранд, таъмин месозад.

2. Қоидаҳое, ки дар моддаи 5, параграфҳои 2, 3, 4 ва 5 ГАТТ 1994 оварда шудаанд, байни ду Тараф татбиқ карда мешаванд.

3. Қоидаҳои ин Моддаро ҳеҷ як қоидаҳои махсуси байни Тарафҳо, ки ба соҳаҳои муайян мансубанд, аз ҷумла нақлиёт ва маҳсулот, маҳдуд намесозанд.

## МОДДАИ 9

Бе маҳдуд кардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳое, ки аз конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба муваққатан ворид кардани молҳо бармеоянд ва ҳар ду Тараф ба онҳо вобастаанд, ҳар кадоме аз Тарафҳо ба Тарафи дигар озод будан аз пардохту боҷҳои воридотиро барои молҳои муваққатан воридшаванда тибқи қонунгузории ҳар кадом Тараф дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиботе пешниҳод менамояд, ки дар ҳар кадом конвенсияи байналмилалӣ дар ин мавридқайд гардидааст. Шароитҳое ба назар гирифта мешаванд, ки дар асоси онҳо ӯҳдадориҳои аз чунин конвенсияҳо бароянддаро Тарафҳои дахлдор қабул намудаанд.

## МОДДАИ 10

1. Молҳое, ки аслан аз Тоҷикистон ҳастанд, ба Иттиҳод озодона, бе маҳдудияти миқдорӣ ё чораҳои таъсирашон ба он баробар ва бе халалдор гардидани муқаррароти Моддаҳои 12, 15 ва 16 ҳамин Созишнома, ворид карда мешаванд.

2. Молҳое, ки аслан аз Иттиҳод ҳастанд, ба Тоҷикистон озодона, бе маҳдудияти миқдорӣ ё чораҳои таъсирашон ба он баробар ва бе халалдор гардидани муқаррароти Моддаҳои 12, 15 ва 16 ҳамин Созишнома, ворид карда мешаванд.

## МОДДАИ 11

Савдои молҳо байни Тарафҳо бо нархҳое анҷом дода мешавад, ки бозор муқаррар менамояд.

## МОДДАИ 12

1. Агар ин ё он маҳсулот ба қаламрави яке аз Тарафҳо ба миқдори чунон зиёд, ё ба шартҳое ворид карда шавад, ки боиси зиён дидан ё таҳдид ба зиён дидани истеҳсолкунандагони маҳаллии молҳои мушобеҳ ё бевосита рақобаткунанда гардад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Иттиҳод вобаста ба он, ки ба манфиатҳои кадоме таҳдид равона шудааст, метавонанд тадбирҳои лозимро мувофиқи тартибот ва шартҳои муносиб ба амал бароранд.

2. Қабл аз он, ки ин ё он тадбир ба амал баровард шавад, ё дар ҳолате ки параграфи 4 татбиқ мегардад, дар мӯҳлати ҳар чи кӯтоҳтар баъди ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Иттиҳод, вобаста ба вазъият, бо мақсади ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мутобиқи фасли XI барои ҳар ду Тараф қобили қабул, тамоми маълумоти заруриро дар ихтиёри Шӯрои ҳамкорӣ мегузоранд.

3. Агар дар натиҷаи ин машваратҳо, дар давоми 30 рӯз аз рӯзи муроҷиат кардан ба Шӯрои ҳамкорӣ ҷиҳати амалҳои марбут ба ҳалли вазъият, Тарафҳо ба мувофиқат нарасанд, Тарафе, ки дархости машварат кардааст, ҳуқуқ хоҳад дошт, ки воридоти молҳои дахлдорро ба андоза ва ба муддате, ки барои пешгирӣ ё бартараф намудани зиён талаб карда мешавад, маҳдуд кунад, ё тадбирҳои лозими дигарро ба амал барорад.

4. Дар ҳолатҳои хатарнок, вақте, ки таъхир боиси зиёни ҷубронnопазир мегардад, Тарафҳо метавонанд то анҷом додани машваратҳо тадбирҳоро ба амал бароранд, ба шарте, ки баргузории машваратҳо фавран баъди ба амал баровардани чунин тадбирҳо пешниҳод карда шавад.

5. Дар интихоби тадбирҳои дар ин Модда қайдшаванда, Тарафҳо ба ҳамон тадбирҳое бартарӣ хоҳанд дод, ки ба расидан ба мақсадҳои ин Созишнома зиёни аз ҳама камтар мерасонанд.

6. Ҳеҷ чиз дар ин Созишнома набояд боиси зиён расонидан ё ба ин ё он тариқ таъсир расондан ба қабули қарори ҳар кадоме аз Тарафҳо дар иҷрои тадбирҳои зиддидемпингӣ ё ҷубронкунанда тибқи Моддаи VI ГАТТ соли 1994, Созишнома дар бораи татбиқи Моддаи VI ГАТТ соли 1994, Созишнома оид ба субсидияҳо ва тадбирҳои ҷубронкунанда ё қонунгузории дахлдори дохилӣ гардад.

## МОДДАИ 13

Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки имконпазирии тағйир ёфтани муқаррароти ин Созишномаро вобаста ба савдои молҳо дар байни онҳо ба андозае, ки вазъият тақозо мекунад, аз ҷумла вазъияте, ки дар натиҷаи дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СҶС ба вуҷуд меояд, баррасӣ намоянд. Шӯрои ҳамкорӣ метавонад ба Тарафҳо дар алоқамандӣ бо чунин тағйиротҳо тавсияҳое пешниҳод кунад, ки дар ҳолатҳои пазируфта шудан, ба воситаи мувофиқати байни Тарафҳо тибқи тартиботи ҷорӣ дар ҳар кадоми онҳо, мумкин аст мавриди амал қарор дода шаванд.

## МОДДАИ 14

Созишнома манъ ё маҳдуд кардани молҳои воридотӣ, содиротӣ ё транзитӣ, ки аз нуқтаи назари ахлоқи ҷомеа, тартибот ё бехатарии ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва ҳаёти одамон, ҳайвоноту растаниҳо, ҳимояи манбаъҳои табиӣ, муҳофизати арзишҳои бадей, таърихӣ ва бостоншиносии миллӣ, ё ҳимояи моликияти ақлӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ ё қоидаҳои марбут ба тиллову нуқра асоснок карда шудаанд, истисно намекунад. Чунин манъ ё маҳдуд кардан набояд воситаи табъизи бадқасдона ё маҳдудкунии ниҳонии савдои байни Тарафҳо қарор дода шавад.

## МОДДАИ 15

Савдои молҳои нассоҷӣ, ки таҳти бобҳои аз 50 то 63 Номгӯи таркибӣ қарор доранд, бо созишномаи алоҳидаи дуҷониба ба танзим даровардa мешавад. Баъди гузаштани муддати эътибори созишномаи алоҳидаи мазкур молҳои нассоҷӣ ба ҳамин Созишнома шомил мегарданд.

## МОДДАИ 16

Савдои маводи ядрой бо муқаррароти Созишнома оид ба таъсиси Иттиҳоди аврупоии энергияи атомӣ ба танзим даровардa мешавад. Дар мавриди зарурат савдои маводи ядрой бо муқаррароти созишномаи мушаххаси байни Иттиҳоди Неруи Атомии Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда танзим мегардад.

## БАХШИ IV

## МУҚАРРАРОТИ ОИДИ САВДО ВА САРМОЯ

## БОБИ 1

## ШАРОИТИ МЕҲНАТ

### МОДДАИ 17

1. Агар қонун, шарту низоми коргузорӣ, ки дар ҳар кадом Давлати аъзои Иттиход роиҷанд, риоя шаванд, Иттиҳод ва Давлатҳои аъзои он мекӯшанд то муносибат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таври қонунӣ дар ҳудуди Давлатҳои аъзо фаъолият доранд, пешниҳод шуда ба шароити меҳнат, дарёфти мукофот ё аз кор рухсат доданашон аз ҳама гуна табъиз, ки ба мансубияти миллӣ бунёд дорад, озод бошад, чунон ки бар мардуми худи онҳо аст.

2. Агар қонун, шарту низоми коргузорӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роиҷ аст, риоя шаванд, Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад кӯшид то муносибате, ки ба шаҳрвандони Давлатҳои аъзо, ки ба таври қонунӣ дар ҳудуди Тоҷикистон фаъолият мекунанд, пешниҳод мешаваду ба шароити меҳнат, дарёфти мукофот ё аз кор рухсат доданашон дахл дорад, чунон ки бар мардуми худи он аст, аз ҳама гуна табъиз, ки бар мансубияти миллӣ бунёд дорад, озод бошад.

## МОДДАИ 18

Шӯрои Ҳамкорӣ таҳқиқ мекунад, ки чӣ навъ беҳбудӣ метавон барои дуруст гардонидани шароити кории мардуми корчалон тибқи вазифаҳои байнулмиллалии Тарафҳо, аз ҷумла он вазифаҳое, ки дар санади Конфронси Боннии КАҲА дарҷ шудаанд, муҳайё сохт.

## МОДДАИ 19

Шӯрои ҳамкорӣ барои корбасти моддаҳои 19, 20 ва 21 тавсияҳо пешниҳод хоҳад кард.

# БОБИ II

# ШАРОИТИ ТАЪСИС ВА ФАОЛИЯТИ ШИРКАТҲО

## МОДДАИ 20

1. Иттиҳод ва Давлатҳои аъзои он мутафиқанд ки барои таъсиси ширкатҳои тоҷикӣ дар ҳудудашон, чунонки дар моддаи 20 банди 2 дарҷ шудааст, режиме муҳайё хоҳанд кард, ки на камтар аз шароитҳои барои ширкатҳои кишвари сеюм фароҳам баҳри фаъолият мусоид бошад.

2. Бе зарар расондан ба муқаррароти, ки дар замимаи II дарҷ шудааст, Иттиҳод ва Давлатҳои аъзои он барои муассисаҳои фаръии тоҷикӣ, ки дар ҳудуди онҳо таъсис ефтаанд, шароитеро фароҳам хоҳанд сохт, ки аз шароити барои фаъолияти ширкатҳои Иттиҳод фароҳам сохта, на камтар мусоид бошад.

3. Иттиҳод ва Давлатҳои аъзои он ба филиалҳои муассисаҳои тоҷикӣ, ки дар ҳудуди онҳо таъсис ёфтаанд, шароите муҳайё хоҳанд сохт, ки аз он режиме, ки ба муассисаҳои кишварҳои сеюм барои фаолияти онҳо муҳайё шудааст, на камтар мусоид бошад.

4. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсиси ширкатҳои Иттиҳод мувофиқи Моддаи 22, банди 2, шароите муҳайё хоҳад кард, ки он аз шароите, ки ба муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё ширкатҳои кишвари сеюм, кадоме беҳтар бошад, муҳайё карда мешавад, на камтар мусоид бошад.

5. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳое, ки филиал ё компанияҳои фаръии Иттиҳод мебошанду дар ҳудуди Тоҷикистон таъсис ёфтаанд, шароите муҳайё хоҳад кард, ки на камтар аз шароите мусоид бошад, ки ба муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муассисаҳои фаръии онҳо ва ё муассисаҳои ҳар кишвари сеюм ё муассисаҳои фаръии онҳо муҳайё карда мешавад. Барои қиёс шароити беҳтар интихоб мегардад.

## МОДДАИ 21

1. Муқаррароти моддаи 20 нисбати нақлиёти ҳавоӣ, обиву баҳрӣ кор фармуда намешавад.

2. Бо вуҷуди ин дар соҳаи фаъолияти агентиҳои наклиёти баҳри барои хизматрассони дар арсаи байналхалқӣ, аз он ҷумла, амали ҳамлу нақл бо иштироки кишвари назди баҳрӣ, ҳар Тараф ба муассисаҳои Тарафи дигар иҷозат медиҳад то, дар ӯ ҳузури тиҷоратӣ дар шакли муассисаҳои фаръӣ ё филиалҳо дошта бошад. Шароитҳои таъсису фаолияти онҳо бошад, на камтар аз шароите, ки ба муассисаҳои худи тараф ва ё муассисаҳои фаръӣ ё филиалҳои муассисаҳои кишварҳои сеюм муҳайё карда шудаанд, мусоид бошанд. Барои муқоиса шароити беҳтар интихоб мегардад.

Чунин фаъолият, аз ҷумла, инҳоро фаро мегирад:

а) Маркетинг ва фурӯши нақлиёти баҳрӣ ва хизматҳои ба он марбут ба воситаи алоқаҳои мустақим бо муштариён – аз пешниҳоди нархномаҳо сар карда то сохтани суратҳисоб (фактура), новобаста аз он, ки хизматҳо аз ҷониби худи таҳиягар ва ё аз ҷониби миенаравоне, ки бо фурушандаи хизматҳо шартномахои доимии тиҷоратӣ доранд, анҷом ёбанд ё пешниҳод мешаванд;

б) Аз номи худ ва ё муштариҳои худ (ва аз нав фурухтан ба муштариҳои худ) харидан ва истифода намудани ҳар гуна нақлиёт ва хизматҳои марбут, аз ҷумла хизматҳои нақлиёти дохилӣ ба ҳар васила, хусусан роҳҳои обӣ, мошингард ва оҳани дарунмарзӣ, ки барои расонидани хизмати маҷмӯъ заруранд;

в) Омода кардани ҳуҷҷатҳои нақлиёт, гумрукӣ ва дигар аснод, ки ба макони истеҳсол ва сифатҳои амволи интиқолшаванда нисбат доранд;

г) Фароҳам овардани маълумоти вобаста ба муомилоти тиҷоратӣ ба ҳар восита, аз ҷумла, бо истифодаи шабакаҳои компютерии итилоот ва мубодилаи электронии маълумот (бо ба инобат гирифтани ҳар маҳдудияти аз табъиз озоди марбут ба воситаи электронии алоқа);

д) Таҳкими ҳар гуна муносибатҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла, ширкат варзидан дар сармояи ширкат ва таъйини кормандоне, ки дар макони бошиш киро мешаванд (дар сурати киро намудани шаҳрванди хориҷӣ ҳатман муқаррароти марбутаи ҳамин Созишнома ба инобат гирифта мешавад) бо агентихои нақлиётии маҳаллӣ;

е) Ташкили вуруди киштиҳо ба порт аз номи ширкатҳо ва дар ҳолати зарурат, ташкил кардани қабули бор.

МОДДАИ 22

Барои ҳадафҳои Созишномаи мазкур:

а) «Муассисаи Иттиҳод» ё «Муассисаи тоҷикӣ» мутобиқан маънии муассисаеро дорад, ки мутобиқи қонунҳои Давлатҳои аъзои Иттиҳод ё Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст ва дорои офиси ба қайд гирифта шуда, ё маъмурияти марказӣ, ё дорои бахши асосӣ дар ҳудуди, мутобиқан, Иттиҳод ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Вале, агар муассисае, ки тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё, мутобиқан, Давлати узви Иттиҳод таъсис ёфта, танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё, мутобиқан, Иттиҳод идораи (офиси) ба қайд гирифташуда дошта бошад, пас он муассиса танҳо муассисаи тоҷикӣ ё, мутобиқан, Иттиҳод шуморида хоҳад шуд, агар фаъолияти он муассиса ба таври воқеӣ ва ҳамешагӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё яке аз Давлатҳои аъзои Иттиҳод, мутобиқан дар иртибот бошад.

б) «Муассисаи фаръӣ» муассисаест, ки воқеан таҳти назорати муассисаи асосӣ мебошад.

в) «Филиал»-и ширкат бахши ҷудоест, ки симои ҳуқуқӣ надошта, доимӣ будан хусусияти он мебошад, ки он дар густариши муассисаи асосӣ ҳувайдо мешавад, ва роҳбарияти хосаи худ ва дастгоҳи худро барои доир кардани гуфтушунидҳои корӣ бо кишварҳои сеюм дорад ва кишварҳои сеюм медонанд, ки вақти зарурат ба муассисаи асосӣ, ки идораи он дар хориҷӣ кишвар мавҷуд аст, робитаи ҳуқуқӣ барпо хоҳад шуду набояд мустақиман ба он муассисаи асосӣ муроҷиат кард, балки метавонанд муомилоти кориро дар ҷои ҳамин бахш, ки ҳамчун густурдаи муассисаи асосӣ таъсис дода шудааст, анҷом диҳанд.

г) «Таъсис» маънои онро дорад, ки ширкатҳои Иттиҳод ё Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, мувофиқи банди а) фаъолияти иқтисодиро тавассути ташкил намудани муассисаҳои фаръи ва филиалҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё, мутобиқан, дар Иттиҳод пеш баранд.

д) «Амалиёт» маънии анҷом додани фаъолияти иқтисодиро дорад.

е) «Фаъолияти иқтисодӣ» маънии фаъолияти касбӣ, саноатӣ ва тиҷоратиро дорад.

Дар мавриди бархурд бо нақлиёти байналмилалии баҳрӣ, аз ҷумла ҳамлу нақлҳои омехта, ки аз он ҷумла ба самтҳои ҳаракати баҳрӣ низ анҷом дода мешаванд, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Давлатҳои аъзои Иттиҳод, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё, мутобиқан, Иттиҳод муқимӣ гаштаанд, ва муассисаҳои дарёнавардӣ, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Иттиҳод таъсис ёфтаву таҳти назорати шаҳрвандони тоҷику шаҳрвандони Иттиҳод, мутобиқан, мебошанд, низ ҳуқуқҳоеро хоҳанд доро шуд, ки дар ҳамин Боб ва Боби III мундариҷанд, ба шарте агар киштиҳои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳамон Давлати узви Иттиҳод, мутобиқан, тибқи қонунҳои ҳар кадом аз Тарафҳо қайд шуда бошанд.

## МОДДАИ 23

1. Қатъи назар аз муқаррароти ин Созишнома, Тарафҳо метавонанд чораҳои эҳтиётӣ бинанд, аз ҷумла, барои ҳимояи сармоягузорон, соҳибони пасандоз, соҳибони полиси бима ва ё шахсоне, ки ваколати амалиети молиявиашонро ба хадамоти молиявӣ ҳавола намудаанд ё барои таъмини мутобиқшавиву пойдории сохтори молиявӣ. Агар ин чораҳо бар хилофи муқаррароти ин Созишнома бошанд, онҳо наметавонанд барои тарафе баҳонаи сарфи назар намудани ӯҳдадориҳои дар ин Созишнома муқарраршуда гарданд.

2. Ҳеҷ як аз муқаррароти ин Созишнома набояд чунон маънидод гардад, ки аз тарафе фош намудани маълумотеро талаб намояд, ки ба кору суратҳисоби муштариёни ҷудогона дахл дорад, ё маълумоти махфӣ ва маълумоте аст, ки моликияти шахсӣ ҳисоб меёбаду зери ҳимояи сохторҳои давлатии ҳуқуқӣ қарор дорад.

3. Ба хотири ҳадафҳои Созишномаи мазкур таҳти истилоҳи «хидматҳои молиявӣ» фаъолияте фаҳмида мешавад, ки дар Замимаи III мундариҷ аст.

## МОДДАИ 24

Агар давлати сеюм ба муқаррароти Созишномаи мазкур такя намуда, тадбирҳои барои давлатҳои сеюм пешбинишударо сарфи назар карда, ба бозори яке аз тарафҳо ворид шудани бошад, муқаррароти ин Созишнома ба истифодаи тадбирҳои барои пешгирии ин ҳодиса зарур аз ҷониби ҳар яке аз тарафҳо монеъ намегарданд.

## МОДДАИ 25

1. Қатъи назар аз муқаррароти Боби 1-и ин Бахш муассисаи тоҷикӣ ё муассисаи Иттиҳод, ки дар ҳудуди Иттиҳод ё Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқан, таъсис ёфтааст, ҳуқуқ дорад, ки аз шаҳрвандони кишварҳои аъзои Иттиҳод ё Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқан, барои ҳар муассисаи фаръӣ ё филиалҳои худ коргар киро кунад, ба шарте, ки коргарони кироя мутахассисони варзида – мувофиқи тафсири ин мафҳум дар параграфи 2-и ҳамин Созишнома – бошанд, ва ба шарте, ки онҳо ҳамчун коргарони кироя маҳз дар чунин муассисаҳо ё муассисаҳои ёрирасон фаъолият карда бошанд. Иҷозати истиқомат ва иҷозат барои кори ин коргарон бояд ба муҳлати кори кироя мувофиқ бошанд.

2. Мутахассисони баландпояи муассисаҳои дар боло зикрёфта, ки ин ҷо ва пасон «ташкилот» ном бурда мешаванд, «шахсонеанд ки дар дохили иттиҳодия аз коре ба коре гузаронида мешаванд» - чуноне ки ин мафҳум дар банди (C)–и ҳамин Модда дар бандҳои поёнӣ муайян шудааст, ба шарте, ки ташкилот симои ҳуқуқисту шахсони манзур ҳамчун коргарони кироя фаъолият мекунанд ё ҳамчун шарик дар кори муассиса (илова бар дорандагони пакети соҳибихтиёрии саҳомаҳо) дар муддати на камтар аз як сол пас аз гузариш ширкат варзанд.

а) шахсоне, ки дар ташкилот дар мансабҳои роҳбарӣ кор мекунанду асосан идораи муассисаро роҳбарӣ менамоянд ва ваколати назорати умуми сарвариро аз шӯрои директорон ё сармоядорони ташкилот ва ё ҳамтои онҳо қабул менамоянд. Вазифаҳои онҳо чунинанд:

- Роҳбарии идора, шӯъба ё бахши он.
- Мушоҳида ва назорат аз болои кори нозирон, мудирон ва коргарони дигар;
- Ваколати қабулу рухсат, ё додани тавсияномаҳо дар бораи қабулу рухсати ҳайати коргарон ё ибтикороти дигар, ки ба кор бо ҳайати коргарон (персонал) тибқи салоҳияте, ки дорад, марбутанд.

б) шахсоне, ки дар ташкилот фаъолият мекунанду салоҳият ва дониши кофи барои кор бо дастгоҳи илмӣ, дар бахши технология ё роҳбарӣ доранд. Муайян намудани сатҳи дониш метавонад ба ҷуз донишҳои барои муассисаи мазкур махсус дараҷаи баланди ихтисосро дар навъи мушаххаси кор ва ё касбе инъикос намояд, ки дониши махсуси техникиро талаб мекунад, аз ҷумла, касбҳои расман шинохташуда.

в) «Шахсе, ки дар дохили иттиҳодия байни муассисаҳо аз коре ба коре гузаронида мешавад» ҳамчун симои воқей муайян карда мешавад, ки дар ташкилот дар ҳудуди Тарафе фаъолият дорад ва муваққатан дар доираи давоми фаолияти иқтисодӣ ба ҳудуди Тарафи дигар интиқол дода мешавад. Дар ин маврид он ташкилот бояд дар ҳудуди Тараф ҷои асосӣ дошта бошаду интиқол ба муассисаи фаръи ё филиали он ҳамон ташкилот, ки воқеан ҳамон навъ фаолияти иқтисодиро дар ҳудуди Тарафи дигар анҷом медиҳад, ба вуқуъ бипайвандад.

МОДДАИ 26

1. Тарафҳо ҳамаи имкониятҳоро истифода мебаранд, то аз қабули тадбир ё амале даст кашанд, ки шароитҳоро барои таъсису фаъолияти ширкатҳои ҳарду тараф нисбат ба вазъи онҳо то арафаи рӯзи имзои Созишнома маҳдудтар мегардонанд.

2. Муқаррароти ин Модда ба муқаррароти Моддаи 34 зарар намерасонад: вазъиятеро, ки ба он Моддаи 34 дахл дорад, танҳо муқаррароти ҳамин Модда ба танзим медарорад.

3. Дар руҳияи шарикиву ҳамкорӣ ва ҳамчунин дар партави муқаррароти Моддаи 40 амал карда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Иттиҳодро ҳатман аз ниятҳои худ дар бораи баҳри баррасӣ пешниҳод кардани қонуни нав ё татбиқи низомномаҳои нав, ки метавонанд ба маҳдудтар шудани шароитҳо таъсис ва фаолияти муассисаҳои ёрирасон ва бахшҳои муассисаҳои Иттиҳод нисбат ба шароитҳое, ки то рузи ба имзо расидани Созишномаи мазкур мавҷуд буданд, оварда расонанд, огоҳ хоҳанд кард. Иттиҳод метавонад аз Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш кунад то ангораи чунин қонун ё низомномаро барои баррасӣ пешниҳод кунад ва дар мавриди ин масъалаҳо машварат доир кунад.

4. Дар ҳолатҳои роиҷ шудани қонун ё супориши нав дар Тоҷикистон, ки шароити фаъолияти муассисаҳои фаръӣ ва филиалҳои муассисаҳои Иттиҳодро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд, нисбат ба шароитҳое, ки то рӯзи ба имзо расидани Созишномаи мазкур мавҷуд буданд, маҳдудтар мегардонанд, чунин қонун ё низомнома ба муҳлати се сол нисбати муассисаҳои ёрирасон ва бахшҳое, ки то рӯзи эътибор пайдо кардани санади мазкур таъсис ёфтаанд, корбаст намешаванд.

## БОБИ III

## ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТҲОИ МАРЗГУЗАРИ МИЁНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИТТИҲОД

### МОДДАИ 27

1. Тарафҳо тибқи муқаррароти ҳамин Модда вазифадор мешаванд, ки ҳама иқдомоти заруриро ба кор баранд то бо мурури замон расонидани хизматҳоро ба муассисаҳои тоҷики ва муассисаҳои Иттиҳод, ки дар ҳудуди як Тараф таъсис ёфтаанду шахсоне, ки хизматҳо барои онҳо пешбинӣ шудаанд, дар ҳудуди Тарафи дигаранд, бо манзури рушди соҳаи хизматрасонӣ дар ҳар ду тараф, имконпазир бигардонанд.

2. Шӯрои ҳамкорӣ барои истифодаи параграфи 1-уми Моддаи мазкур тавсияҳо пешниҳод мекунад.

## МОДДАИ 28

Тарафҳо ба мақсади рушди сектори хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба инкишофи муносибатҳои бозаргонӣ нигаронида шудааст, ҳамкорӣ мекунанд.

## МОДДАИ 29

1.Тарафҳо вазифадоранд, ки аз принсипи озодии воридшави ба бозори байналмилалии баҳрӣ ва ҳамлу нақли баҳри, ки дар заминаи тиҷорати бунёд дорад, самаранок истифода кунанд.

а) Муқаррароти болоӣ ба зарар ва мухолифи хуқуқу вазифаҳое нестанд, ки аз Кодекси рафтори Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид – барои Конфронси киштидорон, ки ба ҳар кадом аз Тарафҳои ин Созишнома дахл дорад, бар меояд. Муассисаҳое, ки узви Конфронс нестанд, метавонанд озодона бо аъзои Конфронс рақобат намоянд, то замоне, ки қонуни рақобати одилонаро дар заминаи тиҷоратӣ риоя менамоянд.

б) Тарафҳо вазифаи худро оиди нигоҳ доштани муҳити рақобати озод чун шарти муҳими тиҷорати борҳои моеъ ва хокаи киштиҳо таъкид менамоянд.

2. Дар истифодаи принсипҳое, ки дар параграфи 1 дарҷ шудаанд, Тарафҳо:

а) аз лаҳзаҳои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур аз корбасти ҳар гуна муқаррароти созишномаҳои дуҷониба дар бораи нақлу ҳамли (карго) ҳар бор, ки миёни Иттиҳоди Шуравии собиқ ва яке аз Давлатҳои аъзои Иттиҳод баста шудаанд, худдорӣ хоҳанд кард;

б) муқарраротро дар бораи нақлу ҳамли бор ба созишномаҳои дуҷонибаи оянда бо кишвари сеюм ворид нахоҳанд кард, ба истисной мавридҳои фавқулоддае, ки ширкатҳои баҳрнаварди яке аз Тарафҳои ин Созишнома имконияти дигари пурмаҳсул барои тиҷорат бо кишвари сеюми мазкур ҳамлу нақл карданро надоранд;

в) ба созишномаҳои дуҷониба муқарраротро дар бораи тақсими нақлу ҳамли борҳое, ки барои тиҷорат дар шакли хокаву моеъ муқаррар шудаанд, дохил нахоҳанд кард;

г) аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур ҳамаи иқдомоти якҷониба, монеаҳои маъмурӣ, техникӣ ва дигар навъ монеаҳоро, ки метавонанд маҳдудиятҳои пинҳонӣ созанд ё таъсири табъизӣ ба озодона расонидани хидмат дар соҳаи ҳамлу нақли байнулмилалии баҳрӣ дошта бошанд, манъу рафъ хоҳанд кард.

3. Ҳар як тараф ба киштиҳое, ки шаҳрвандон ё муассисаҳои Тарафи дигар истифода мекунанд, бояд шароите фароҳам оваранд, ки на камтар аз шароити барои киштиҳои худи Тараф муҳайё мусоид бошанд. Ин шарт ба дастрасии бандарҳои барои тиҷоратӣ байналмиллалӣ кушода, истифодаи зерсохтор ва хадамоти ёрирасони баҳрӣ дар бандарҳо, пардохту хироҷи алоқаманд, воситаҳои гумрук, ҷудо кардани лангар ва воситаҳои боркуниву борфарорӣ дахл дорад.

## МОДДАИ 30

Барои таъмин кардани рушди ҳамоҳанги ҳамлу нақлҳои нақлиётии миёни Тарафҳо, ки ба талаботи тиҷоратии онҳо мувофиқанд, шарту шароитҳои дастрасии дутарафа ба бозорҳои якдигар ва таъмини хидмати нақлиётӣ ба воситаи роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан, роҳҳои обии дохилӣ, ва, агар имконпазир бошад, нақлиёти ҳавоӣ, Тарафҳо метавонанд дар созишномаҳои хоса пас аз эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур қайду шарт намоянд.

## БАХШИ IV

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### МОДДАИ 31

1. Муқаррароти Бахши мазкур бо манзури истисноҳое, ки ба сиёсати давлат, амнияти давлат ва сиҳатии ҷомиа марбутанд, истифода мешаванд.

2. Онҳо нисбати фаъолияте, ки дар ҳудуди Тарафҳо ҳатто тасодуфан ба кори мақомоти расмӣ иртибот доранд, корбаст намешаванд.

### МОДДАИ 32

Барои ҳадафҳои Бахши мазкур ягон муқаррароти ин Созишнома аз истифодаи қонун ва низомномаҳои Тарафҳо дар бораи воруду ҷойгиршавӣ, киро, шароити кор, ба кор гирифтани шахсони воқеӣ ва таъмини хизматрасонии марбут ҷилавгирӣ нахоҳад кард. Дар айни замон онҳоро бояд тавре мавриди истифода қарор бидиҳанд, ки имтиёзҳое, ки ҳар як аз Тараф тибқи шартҳои муқаррароти махсуси Созишномаи мазкур муҳайё карда аст, барҳам нахуранд ё маҳдуд нашаванд. Муқаррароти мазкур ба истифодаи Моддаи 31 монеъ намешаванд.

МОДДАИ 33

Ба муассисаҳое, ки зери назорати муштараки муассисаҳои тоҷик ва муассисаҳои Иттиҳод қарор доранд, ва моликияти онҳо мебошанд, низ муқаррароти Фаслҳои II, III ва IV тааллуқ доранд.

МОДДАИ 34

Шароите, ки яке аз Тарафҳо ба дигараш дар рӯзи як моҳ пеш аз эътибор пайдо кардани муқаррароти дархури Созишномаи асосӣ дар бораи тиҷорат ва хизматҳо (САТХ) нисбати бахш ё иқдомоте, ки САТХ фаро мегирад, пешниҳод мекунад, ба ҳеҷ ваҷҳ набояд мусоидтар аз он шароитҳое бошанд, ки Тарафи нахуст тибқи муқаррароти САТХ муҳайё кардааст бахшу, зербахш ва хам ба дар соҳаи пешниҳоди хизмат дахл дорад.

МОДДАИ 35

Барои ҳадафҳои Бобҳои II,III,IV шароитҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳод ва Давлатҳои аъзои ӯ тибқи пешниҳодоте, ки ба Созишномаи Асосӣ оиди тиҷорати хизматҳо (САТХ) дохил шудаанд ва мувофиқи муқаррароти Моддаи V САТХ фароҳам овардаанд, ба эътибор гирифта намешаванд.

## МОДДАИ 36

1. Низоми мусоидтарин, ки мутобиқи муқаррароти Бахши мазкур муҳайё мегардад, нисбати имтиёзҳои андозӣ, ки Тарафҳо дар асоси созишномаҳо дар бораи эҳтироз аз андози дукарата ё дигар созишномаҳо дар бораи андоз дар айни замон муҳайё карда истодаанд ва ё дар оянда муҳайё хоҳанд кард, корбаст намешаванд.

2. Муқаррароти ин бахш ба истифодаи тадбирҳо аз ҷониби Тарафе монеъ намегардад ва ҳам тараферо маҷбур намекунад, ки ба эҳтирозу сарпечӣ аз пардохти андоз мувофиқи муқаррароти оиди андози созишномаҳо дар бораи роҳ надодан ба андозсупории дукарата ва дигар шартномаҳои ба андоз вобаста ё қонунҳои дохилии андозсупорӣ халал расонад.

3. Ягон муқаррароти ин бахш ба Давлатҳои аъзо ва ё Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа намесозад, ки ҳангоми истифода аз муқаррароти мувофиқи қонунҳои андози дохилиашон байни андозсупорон тафриқа андозад. Ин ҳолат метавонад ба фарқи вазъияти онҳо ва хусусан, ба ҷои иқомати доимии онҳо вобаста бошад. Баръакси ин маънидод кардани муқаррарот нодуруст аст.

## МОДДАИ 37

Моддаи 24 дар сурате вайрон карда мешавад, ки муқаррароти бобҳои II, III, ва IV нодуруст маънидод гардида тибқи ин бобҳо чунин ҳуқуқҳо дода шаванд:

- ба шаҳрвандони давлатҳои аъзо ё Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди дохилшавӣ ва зист дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё мутобиқан, Иттиҳод ба муҳлати дилхоҳ ва, хосатан, ҳамчун саҳомадор ва ё шарик, ё мудир, ё ходим, ё таҳиягари хидмат ва ё истеъмолгари он;
- ба муассисаҳои фаръӣ ё филиалҳои ширкатҳои тоҷикӣ дар Иттиҳод барои киро кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ё истифода аз меҳнати коргарони аллакай кирошуда.
- ба муассисаҳои фаръӣ ё филиалҳои тоҷикии ширкатҳои Иттиҳод барои киро кардан ё истифода аз меҳнати коргарони аллакай кирошуда аз ҷумлаи шаҳрвандони Давлатҳои аъзои Иттиҳод дар ҳудуди Тоҷикистон;
- ба ширкатҳои тоҷикӣ ё муассисаҳои фаръӣ ё филиалҳои Иттиҳодии ширкатҳои тоҷикӣ барои фиристодани шаҳрвандони тоҷик барои кор зери назорати шахсони дигар тибқи шартномаҳо дар бораи кирои муваққатӣ;
- ба ширкатҳои Иттиҳод ё муассисаҳои фаръӣ ё филиалҳои ширкатҳои тоҷикистонии Иттиҳод барои фиристодани коргароне, ки шаҳрвандони Давлатҳои аъзо мебошанд, тибқи шартнома дар бораи кирои муваққатӣ.

## БОБИ V

## ПАРДОХТИ ҶОРӢ ВА САРМОЯ

### МОДДАИ 38

1. Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки ба ҳама гуна пардохтҳо бо асъори озодона табдилшавандаи марбут ба ҳисобҳои балaнси пардохтии байни резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳод, ки ба ҳаракати молҳо, хизматрасониҳо ё шахсҳо алоқаманд буда мутобиқи муқаррароти ҳамин Созишнома анҷом дода шудаанд, иҷозат медиҳанд.

2. Оиди бурдани суратҳисоби сармоя дар тавозуни пардохт бояд гуфт, ки аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур ҳаракати озоди сармоя таъмин карда мешавад, то ки ширкатҳои мувофиқи қонунҳои давлати мизбон ташкил шуда бевосита сармоягузорӣ карда тавонанд. Сармоягузорӣ, мисли ботилнамоиву бозгардонии ин сармояи гузошта ва ё фоидае аз он, мувофиқи муқаррароти Бахши 2 сурат мегирад.

3. Бе расонидани зарар ба параграфи 2 ё параграфи 5 аз лаҳзаҳои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур Тарафҳо аз ҷорӣ кардани ҳар гуна маҳдудияти нав барои мубодилаи асъор, ки ба ҳаракати сармоя ва пардохтҳои ба он марбут миёни резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳод таъсир мерасонад ва нисбатан маҳдуд гардондани муқаррароти мавҷуда, худдорӣ хоҳанд кард.

4. Тарафҳо барои якдигар машваратҳо доир мекунанд ва воситаҳои интиқоли шаклҳои сармояеро, ки аз шаклҳои дар Банди 2 зикршуда фарқ доранд, байни Иттиҳоду Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри мусоидат ба ҳадафҳои Созишномаи мазкур муфассал барраси менамоянд.

5. То пурра бадалраво гаштани асъори тоҷик ба маъние, ки ба ин мафҳум моддаи VIII–и моддаҳои Созишнома Хазинаи Байналмиллалии Асъор медиҳад, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар вазъияти фавқулодда мубодилаи асъорро маҳдуд намояд. Ин ҳолат вобаста ба гирифтану додани қарзҳои молиявии кутоҳмуддату миёнамуддат рӯҳ дода метавонад, аммо танҳо то ҳадде, ки ин маҳдудиятҳо ба додани ин гуна қарзҳо мусоидат мекунанд ва то ҳадде, ки мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хазинаи Байналмиллалии Асъор ба он имкон медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гуна маҳдудиятҳоро аз табъиз озод медорад. Онҳо тарзе амалӣ мегарданд, ки ба Созишномаи мазкур зарари камтарин рассад. Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои Ҳамкориро ба зуди аз чунин иқдомаш ва ё тағйироти дигар огоҳ месозад.

6. Бе зарар расондан ба параграфҳои 1 ва 2 ба мавридҳои фавқулодда, ҳангоме ки ҳаракати озоди сармоя миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳодро мушкилиҳои ҷиддӣ барои анҷом додани сиёсати мубодилаи асъор ё сиёсати пулӣ ё Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Иттиҳодро думболагирӣ мекунанд ё хатари мушкилиҳо пайдо мешавад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳод, мутобиқан, метавонанд иқдомоти эҳтиётӣ дар нисбати ҳаракати сармоя миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳод кунанд, ба мӯҳлате, ки аз 6 моҳ зиёд нест, дар сурати зарур будани чунин иқдомот.

## БОБИ VI

## ҲИМОЯИ МОЛИКИЯТИ АҚЛӢ, САНОАТӢ ВА ТИҶОРАТӢ

### МОДДАИ 39

1. Бо дар назар гирифтани муқаррароти ин Модда ва Замимаи IV, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили ҳимояи ҳуқуқи моликияти ақлӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ бо мақсади дар охири соли панҷум аз рӯзи эътибор пайдо кардани ин Созишнома таъмин намудани ҳимояи баробар бо ҳимояе, ки дар Иттиҳод мавҷуд аст, аз ҷумла воситаҳои муассири тақвият додани татбиқи чунин ҳуқуқҳо, идома медиҳад.

2. Дар охири соли панҷум пас аз эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба конвенсияи бисьёрҷониба дар бораи ҳуқуқҳои моликияти аклӣ, саноатӣ ва тиҷоратии дар параграфи 1-и Замимаи IV-и ҳамин Созишнома дарҷ шуда, ки дар онҳо Давлатҳои аъзои Иттиҳод иштирок доранду онҳо амалан нисбати Давлатҳои аъзо мувофиқи муқаррароти марбути конвенсияҳои мазкур кор фармуда мешаванд, дохил шавад. Барои иҷрои муқаррароти мазкур Иттиҳод дастгирии худро аз руи имкон таъмин менамояд.

# ФАСЛИ V

## ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ҚОНУНГУЗОРӢ

### МОДДАИ 40

1. Тарафҳо эътироф мекунанд, ки шарти асосии таҳкими робитаҳои иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳод ба ҳам наздикшавии қонунгузории кунунӣ ва ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳод мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад кушид то қонунгузории он бо мурури замон ба қонунгузории Иттиҳод қобили муқоиса гардад.

2. Раванди баҳам наздикшавии қонунгузориҳо, хусусан дар соҳаҳои зерин густариш хоҳад ёфт: қонунгузории гумрукӣ, қонунгузории тиҷоратӣ, қонунгузории бонкӣ ва дигар хидматҳои молиявӣ, ҳисоби бухгалтерӣ ва қонунгузории андоз, қонунҳои оиди моликияти шахсӣ, ҳимояи коргарон дар ҷои кор, қоидаҳои рақобат, аз ҷумла онҳое, ки амалу натиҷаашон ба тиҷорат таъсир доранд; хариди давлатӣ; ҳимояи тандурустӣ ва зиндагии одамон, ҳайвонот ва растаниҳо; ҳимояи муҳити зист; ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда, андозситонии ғайримустақим; меъёрҳои техникиву стандартҳо; қонуну санадҳои танзимкунанда дар соҳаи атом, нақлиёт ва воситаҳои алоқаи электронӣ.

3. Иттиҳод ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар анҷом додани иқдомоти мазкур ёрии техникӣ хоҳад расонд, ки чизҳои зеринро фаро мегирад:

- мубодилаи коршиносон;

- додани маълумоти таъҷилӣ, аз он ҷумла дар бораи қонунгузории дахлдор;
- баргузории семинарҳо;
- таълими шахсоне, ки ба тахрезиву анҷом додани қонунгузори алоқамананд;
- ёри додан дар тарҷумаи матнҳои Қонунгузории Иттиҳод дар соҳаҳои мувофиқ.

4. Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки усулҳои татбиқи қонунҳои дахлдори худро оид ба рақобат дар ҳолатҳое, ки ба савдои байни онҳо зиён расонида мешавад, дар асоси созишнома, мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

## ФАСЛИ VI

## ҲАМКОРИИ ИҶТИМОИИ ИҚТИСОДӢ

### МОДДАИ 41

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳод ҳамкории иқтисодиро, ки ҳадафи мусоидат кардан ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ, эҳёву рушди муттасили Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад, густариш хоҳанд дод. Ин ҳамкорӣ робитаҳои мавҷудаи иқтисодиро, ки ба манфияти ҳар ду Тарафанд, таҳким мекунад.

2. Сиёсат ва дигар иқдомот тавре сохта мешаванд, ки бо ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоии ва бозсозии низомии иқтисод оварда расонанд. Сиёсатро талаби рушди устувору мавзуни ҷомеа роҳнамоӣ мекунад. Онҳо ҳамчунин пурра омилхои экологиро ба инобат хоҳанд гирифт ва муборизаи зидди камбизоатиро низ дар мадди назар хоҳанд дошт.

3. Бад-ин мақсад ҳамкорӣ, хусусан, ба соҳаҳои зерин нигаронида мешаванд: рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, рушди захираҳои инсонӣ; дастгирии муассисаҳо (аз он ҷумла хусусигардони, сармоягузорӣ ва рушди хидматҳои молиявӣ), кишоварзӣ ва истеҳсоли маводи хӯрока (аз ҷумла бехатарии маводи хӯрока), энергетика (аз ҷумла гидроэнергетика), идораи захираҳои оби ва амният аз яроқи атомӣ, тандурустӣ ва мубориза бар зидди камбизоатӣ, транспорт, хидмати алоқа, воситаҳои алоқаи электронӣ, туризм, ҳимояи муҳити зист, низоми марзгузари ва ҳамкории минтақавӣ.

4. Ба иқдомоте, ки ба рушди ҳамкории минтақавӣ ва иқтидори иқтисодии Ҷумхурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд, аҳамияти хоса дода хоҳад шуд.

5. Дар мавриди зарурат, ҳамкории иқтисодӣ ва дигар намудҳои ҳамкорӣ, ки дар Созишномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, бояд бо ёрии техникии Иттиҳод дастгирӣ карда шаванд, ба манзури муқаррароти умумии Шӯро марбут ба ёрии техники ба Кишварҳои Мустақил дар самтҳои афзалиятнок Барномаи роҳнамо дар бораи ёрии техникии Иттиҳод ба Осиёи Марказӣ, ки ба Тоҷикистон низ тааллуқ дорад ва бо иҷрои корҳое, ки ҳамоҳангӣ муқаррар таъмин менамоnд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ метавонад аз барномаҳои умумии дигар мувофиқи муқаррароти дахлдор, ки Шӯро қабул намудааст, баҳравар гардад.

## МОДДАИ 42

### Ҳамкориҳо дар соҳаи савдои молҳо ва хизматрасониҳо

Тарафҳо бо мақсади таъмин сохтани мутобиқати савдои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қоидаҳои СҶС ҳамкорӣ мекунанд. Бо ин мақсад Иттиҳод ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии техникӣ пешниҳод менамояд.

Чунин ҳамкориҳо аз рӯи масъалаҳои мушаххаси вобаста ба мусоидат дар соҳаи савдо, аз ҷумла ба воситаи мусоидат кардан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мутобиқ гардонидани қонунгузорӣ ва қоидаҳои худ бо қоидаҳои СҶС ва ба ҳамин тариқ ҳар чи зудтар ба иҷро расонидани шартҳои қабул ба ин Созмон, ба амал бароварда мешаванд. Шартҳои мазкур нуқтаҳои зеринро дарбар мегиранд:

- таҳия сохтани сиёсати савдо ва масъалаҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла механизмҳои пардохт ва поксозӣ;

- таҳия сохтани қонунгузории дахлдор.

## МОДДАИ 43

### Ҳамкории саноатӣ

1. Ҳамкорӣ, бахусус, ҳадафҳои зерин дорад:

- рушди муносибатҳои тиҷоратӣ миёни субъектҳои хоҷагии ҳар ду тараф, аз ҷумла, миёни муассисаҳои хурду миёна;
- иштироки Иттиҳод дар кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бозсозии саноати он;
- беҳ намудани сифати идоракуни;
- баланд бардоштани сифати маҳсулоти саноатӣ ва мувофиқгардонии маҳсулот ба стандартҳои байналмилалӣ;
- рушди тавоноии истеҳсолӣ ва азнавсозии муфиди бахши ашёи хом;
- инкишофи қоидаву русумоти дахлдори тиҷоратӣ, аз ҷумла маркетинги маҳсулот;
- муҳофизати муҳити зист;
- мусоидат кардан дар соҳаи конверсияи комплекси ҳарбии саноатӣ;
- омӯзиши ходимон.

2. Муқаррароти ин Модда ба истифодаи низомномаи Иттиҳод дар соҳаи рақобат, ки ба муассисаҳо тааллуқ доранд, таъсир нахоҳанд кард.

МОДДАИ 44

Дастгирӣ ва ҳимояи сармоя

1. Бо назардошти тавоноиву салоҳияти Иттиҳод ва Давлатҳои аъзои он, ҳадафи ҳамкорӣ муҳайё кардани шароити созгор барои сармоягузории чӣ ватанӣ ва чӣ хориҷӣ, пеш аз ҳама аз ҳисоби сохтани шароити беҳтарин барои ҳимояи сармоя, интиқоли сармоя ва мубодилаи маълумот дар соҳаи имкониятҳои сармоягузорӣ мебошад.

2. Ҳадафҳои чунин ҳамкорӣ, бахусус, инҳо хоҳанд буд:

- бастани созишнома, агар зарур бошад, миёни Давлатҳои аъзои Иттиҳод ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ кардани андозсупории дукарата;
- муҳайё сохтани шароити беҳтарин барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муҳайё кардани шароитҳову қонунҳои пойдору созгори тиҷоратӣ барои табодули маълумот дар бораи қонунгузорӣ, қоидаву дастурот, таҷрибаи маъмурӣ дар соҳаи сармоя;
- табодули маълумот дар бораи имкониятҳои сармоягузорӣ, аз он ҷумла дар шакли ярмаркаҳои тиҷоратӣ, намоишгоҳо, ҳафтаҳои савдо ва дигар иқдомот.

## МОДДАИ 45

### Харидҳои давлатӣ

Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки дар бобати фароҳам овардани шароит барои бастани қарордодҳо оид ба таҳвили молҳо ва хизматрасониҳо дар асоси озмуни озод, аз ҷумла баргузор намудани тендерҳо, ҳамкорӣ кунанд.

## МОДДАИ 46

### Ҳамкориҳо дар соҳаи стандартҳо ва баҳодиҳии мутобиқат

1. Ҳамкории байни Тарафҳо барои бо меъёрҳо, принсипҳо ва дастурамалҳои байналмилалӣ дар соҳаи метрология, стандартҳо ва баҳодиҳии мутобиқат мувофиқ гардонидан, ноил шудан ба пешрафт дар бобати эътирофи ҳамдигарии баҳодиҳӣ ба мутобиқат ва беҳтар гардонидани сифати молҳои Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

2. Бо ин мақсад Тарафҳо кӯшиш хоҳанд кард, ки доир ба лоиҳаҳои ёрии техникӣ, ки:

- барои ба роҳ мондани муносибатҳои дилхоҳ бо ташкилоту муассисаҳои дар соҳаҳои мавриди назар махсусгардонидашуда мусоидат менамоянд;

- ба истифодабарии қоидаҳои техникии Иттиҳод ва ба кор бурдани стандартҳо ва тартиботи баҳодиҳии аврупоии мутобиқат ёрӣ мерасонанд;

- ба мубодилаи таҷриба ва иттилооти техникӣ дар соҳаи идоракунии сифат имкон медиҳанд, ҳамкорӣ намоянд.

## МОДДАИ 47

### Саноати истихроҷи маъдан ва ашёи хом

1. Мақсади Тарафҳои Созишнома афзудани сармоя ва густариши тиҷорат дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ва ашёи хом аст.

2. Ҳини ҳамкорӣ диққати хоса ба арсаҳои зер дода мешавад:

– табодули маълумот оиди дурнамои тараққии соҳаи истихроҷи маъдан ва бахши металҳои ранга;

– ташкил намудани заминаи ҳуқуқии ҳамкорӣ;

- масъалаҳои тиҷорат;
- қабулу риоя кардани қонунҳо оиди муҳити зист;
- машқҳои таълими (тренингҳо);
- амният дар саноати истихроҷи маъдан;

МОДДАИ 48

Ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва технология

1. Тарафҳо ба таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи пажуҳиши илмӣ ва рушди технологӣ (ПИРТ) дар заминаи манфиати дуҷониба бо назардошти судмандии захираҳо, дастрасии барномаҳои мувофиқи хеш мусоидат мекунанд, ба шарте, ки самаранокии ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти ақлӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ бо сатҳи Иттиҳод наздик карда шавад.

2. Ҳамкории илмӣ ва технологӣ инҳоро фаро мегирад:

- табодули маълумоти илмӣ-технологӣ;
- фаолияти муштарак дар соҳаи ПИРТ;
- машқҳои таълимӣ ва барномаҳои мубодилаи олимон, муҳаққиқон ва технологҳои ҳар ду тарафе, ки дар ПИРТ иштирок доранд.

Дар ҳолате, ки чунин ҳамкорӣ дар шакли фаъолияте, ки омузиш ва\ё таълими кормандонро фаро мегирад, амалӣ гардад, вай бояд мутобиқи муқаррароти Моддаи 49 анҷом бигирад.

Тарафҳо бо розигии якдигар метавонанд шаклҳои дигари ҳамкориро дар соҳаи илму технология анҷом бидиҳанд.

Дар анҷом додани чунин ҳамкорӣ аҳамияти хоса ба ҷалби олимон, муҳандисон, муҳаққиқону технологҳои дар пажуҳишу истеҳсоли аслиҳаи қатли омм ширкат дошта ё ширкат кунанда ба соҳаҳои марбути хоҷагии халқ дода хоҳад шуд.

3. Ҳамкорие, ки мазмуни ин Модда мебошад, мутобиқи созишномаҳои мушаххас, ки гуфтушунидҳо дар бораи онҳо ва бастани онҳо тибқи низоми коргузории маъмулии ҳар кишвар баргузор мегардад, анҷом дода хоҳад шуд. Ва чунин созишномаҳо, аз ҷумла, муқаррароти муайянро дар бораи ҳимояи ҳуқуқи моликияти ақлӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ дар назар хоҳанд дошт.

МОДДАИ 49

Маориф ва машқҳои таълимӣ

1. Тарафҳо ба мақсади боло бардоштани сатҳи маълумоти умумӣ ва малакаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам шахсӣ ҳамкорӣ хоҳанд кард.

2. Дар доираи ин ҳамкорӣ, хусусан, ба соҳаҳои зерин таваҷҷуҳ дода мешавад:

- такмили системаи маълумоти олӣ ва машқҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла низоми сертификатсияи мактабҳои олӣ ва дипломи мактаби олӣ;
- тайёр кардани кормандони роҳбар барои бахшҳои давлативу шахсӣ ва ходимон дар соҳаҳои афзалиятнок, ки муайян кардани онҳо зарур аст;
- ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таълимӣ, ҳамчунин миёни муассисаҳои таълимиву фирмаҳо;
- муҳаррикӣ барои муаллимон, мутахассисҳои дипломдор, кормандони маъмурӣ, олимони ҷавону муҳаққиқон, ҷавонон;
- мусоидат барои гирифтани маълумоти аврупоӣ дар донишкадаҳои муайян;
- таълими забонҳои Иттиҳод;
- тайёр намудани тарҷумонони синхронӣ аз ҷумлаи хатмкунандагони макотиби олӣ;
- таълими рӯзноманигорон;
- тайёр кардани муаллимони машқҳои таълимӣ (тренингҳо).

3. Иштироки имконпазири яке аз Тарафҳо дар барномаҳои дархури соҳаи маориф ва таълими касбии Тарафи дигар метавонад тибқи низоми коргузории онҳо баррасӣ шавад, ва дар мавриди муносиб чорчубаи муассисавӣ ва нақшаҳои ҳамкорӣ метавонанд тавассути ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаи ТЕМПУС-и Иттиҳод сохта шаванд.

## МОДДАИ 50

### Бахши кишоварзӣ ва агросаноатӣ

Мақсади ҳамкориҳо дар ин соҳа аз иҷрои ислоҳоти аграрӣ, дигаргунсозии сохторҳои кишоварзӣ, навсозӣ, хусусигардонӣ ва бозсозии соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ ва бахши агросаноатию бахши хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин рушди бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ барои молҳои Тоҷикистон бо дар назар гирифтани шароите, ки ҳифзи муҳити зистро таъмин месозад, зарурати такмил додани бехатарии таҳвили маҳсулот ва инкишоф додани агро-бизнес ва коркарду тақсимоти маҳсулоти кишоварзӣ, иборат мебошад. Тарафҳо инчунин кӯшиш менамоянд, ки стандартҳои Тоҷикистонро тадриҷан ба қоидаҳои техникии Иттиҳод вобаста ба молҳои саноатӣ ва кишоварзӣ, аз ҷумла, стандартҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ, мутобиқ созанд.

## МОДДАИ 51

### Энергетика

1. Ҳамкорӣ тибқи принсипҳои иқтисодиёти бозаргонӣ ва Хартияи Неруи Аврупо дар заминаи интегратсияи рӯзафзун ба бозори энергетикии Аврупо рушд хоҳад ёфт.

2. Дар доираи хамкорӣ, аз он ҷумла, ба ташаккулу рушди сиёсати энергетикӣ таваҷҷӯҳ дода хоҳад шуд. Ин сиёсат, аз ҷумла, соҳаҳои зеринро фаро хоҳад гирифт:

– такмили роҳбарӣ ва идораи бахши энергетикӣ тибқи иқтисоди бозаргонӣ;

– такмили таъминот бо неру, аз ҷумла, амнияти таъминот аз лиҳози иқтисодӣ ва экологӣ;

– тарғиби истифодаи сарфакоронаву самараноки неру ва корбасти Протоколи Хартияи Энергетикӣ оиди истифодаи самараноки неру ва масъалаҳои ба ин марбути муҳити зист;

– замонавӣ гардондани зерсохтори энергетика;

– такмили таъминот бо неру ва истифодаи технологияҳои намудҳои гуногуни неру;

- роҳбарӣ ва омӯзиши техникӣ дар бахши энергетика;
- интиқол ва транзити маводу маҳсулоти энергетикӣ;
- фароҳам овардани маҷмӯи шароитҳои муассисавӣ, ҳуқуқӣ, андоз ва дигар, ки барои ташвиқи афзоиши савдо ва сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика зарур аст;
- рушди захираҳои гидроэнергетикӣ ва манбаҳои барқароршавандаи энергия.

3. Тарафҳо дар бахши энергетика маълумотҳои дархури лоиҳаҳои (проектҳо) сармоягузориро мубодила хоҳанд кард, аз он ҷумла, нисбати истеҳсоли захираҳои энергетикӣ ва сохтмону барқарор кардани қубурҳои нефтиву газӣ ва дигар воситаҳои интиқоли маводи энергетикӣ. Тарафҳо ба ҳамкорие, ки ба сармоягузорӣ дар бахши энергетика вобаста аст, ичунин усулҳои танзими ин кор (регламент) аҳамияти хоса хоҳанд дод. Тарафҳо ба хотири ҳар чӣ беҳтар анҷом додани муқаррароти Фасли IV ва Моддаи 44 оиди сармоягузорӣ дар бахши энергетика ҳамкорӣ хоҳанд кард.

## МОДДАИ 52

### Муҳити зист ва тандурустӣ

1. Бо назардошти муқаррароти Хартияи Энергетикии Аврупо, эъломияҳои конфронсҳои Люсерни апрели с. 1993 ва октябри с. 1995, ҳамчинин бо ба инобат гирифтани Қарордоди дар бораи Хартияи Энергетики, аз он ҷумла, Моддаи 19-и он ва Протоколи Хартияи Энергетикӣ дар бораи истифодаи самараноки неру ва ҷанбаҳои ба он марбути ҳимояи муҳити зист, Тарафҳо ҳамкории худро дар масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва тандурустии инсон рушд медиҳанд ва таҳким мебахшанд.

2. Ҳамкорӣ ба таъмини ҳимоя ва мубориза бар зидди ҳар гуна ифлоскунии муҳити зист равона хоҳад шуд ва, аз он ҷумла, самтҳои зеринро фаро хоҳад гирифт:

- назорати самаранок аз болои ифлоскунии муҳити зист ва баҳодиҳӣ ба ҳолати муҳити зист; танзими маълумот дар бораи ҳолати муҳити зист;
- мубориза муқобили ифлоскунии ҳавову оби маҳал, минтақа ва марзгузар;
- барқароркунии экологӣ;
- истеҳсол ва истифодаи устувор, самаранок ва аз назари экологӣ бехатари энергия;
- бехатарии корхонаҳои саноатӣ;

- таснифоти моддаҳои химиявӣ ва муомилаи бехатар ба онҳо;
- назорати сифати об;
- кам гардонидани ҳаҷми партовҳо, коркарди дубораву нигаҳдории бехатари онҳо, корбасти муқаррароти Конвенсияи Базел пас аз имзо шудани он;
- таъсири экологии кишоварзӣ, эрозияи замин ва заҳролудшавии химиявӣ;
- ҳифзи ҷангалҳо;
- ҳифзи гуногуннавъии биологӣ ва минтақаҳои муҳофизатшаванда ва истифодаи захираҳои биологӣ бо назардошти барқароршавии онҳо;
- ба нақшагирии истифодаи замин, ба нақшагирии сохтмон ва шаҳрсозӣ;
- истифодаи василаҳои иқтисодӣ ва фискалӣ;
- тағйири глобалии иқлим;
- маълумоти экологӣ ва огаҳкунӣ;
- корбасти муқаррароти Конвенсияи Эспу (Espoo) оиди муайян намудани таъсири марзгузари экологӣ ба муҳити зист баъд аз имзо шудани он.

3. Ҳамкории Тарафҳо, аз он ҷумла, дар соҳаҳои зерин анҷом дода хоҳад шуд:

- банақшагирӣ бо ба инобат гирифтани пешгуии фалокат ва дигар ҳолатҳои фавқулодда;
- мубодилаи маълумот ва коршиносон, аз он ҷумла, маълумот ва коршиносоне, ки ба истифодаи технологияи пок ва истифодаи биотехнологияи аз назари экологӣ бехатар вобастаанд;
- анҷом додани пажуҳишҳои муштарак;
- такмили қонунгузорӣ тибқи стандартҳои Иттиҳод;
- ҳамкорӣ дар сатҳи минтақа, аз он ҷумла, дар чаҳорчӯбаи Агентии Аврупо доир ба ҳифзи муҳити зист, ҳамчунин дар сатҳи байналхалқӣ;
- таҳияи стратегияҳо, аз он ҷумла оиди масъалаҳои глобалӣ ва иқлимӣ аз нуқтаи назари таъмини рушди мутассил;
- омузиши таъсир ба муҳити зист.

4. Тарафҳо барои рушди ҳамкорӣ дар масъалаҳои тандурустии одамон имконият хоҳанд ҷуст, аз он ҷумла, тавассути расонидани ёрии техникӣ барои пешгирии бемориҳои сироятӣ ва мубориэаи зидди онҳо, ҳамчунин ҳифзи тандурустии модару кудак.

## МОДДАИ 53

### Нақлиёт

Тарафҳо ҳамкории мутақобилаи худро дар соҳаи нақлиёт рушд мебахшанд ва таҳким мекунанд.

Ин ҳамкорӣ ҳамзамон ба анҷом додани бозсозии сохтор ва замонавӣ гардонидани низому шабақаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; ба таъмини рушди мутобиқати шабақаҳои нақлиёти Тарафҳо бо мақсади офариниши шабақаи васеътари байналхалқии нақлиёт равона хоҳад шуд. Барои ҷалби сармоя лоиҳаҳои муфассал ва ҷустуҷуи сармоягузорон ба роҳ монда мешавад.

Ҳамкорӣ, аз он ҷумла, инҳоро фаро мегирад:

- замонавӣ гардонидани тарзи идораи нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ;
- замонавӣ гардонидан ва рушди роҳҳои оҳан, обӣ, автомобилгард, ҳавоӣ ва зерсохтори ҳаракати ҳавоӣ, аз ҷумла, ба талаботи замон мувофиқ гардонидани шоҳроҳҳои барои тарафайн муҳим ва нақли транс-аврупоии намудхои мазкури нақлиёт, хусусан ононе, ки лоиҳаи ТРАСЕКА фаро мегирад;
- тарғиб ва рушди системаи нақлу ҳамли омехта;
- тарғиби таҳқиқот ва барномаҳои муштараки рушд;

- омада кардани заминаи ҳуқуқиву муассисавии ташаккул ва корбасти сиёсати нақлиётӣ, аз ҷумла, хусусигардонии бахши нақлиёт.
- содда гардондани низоми коргузори барои тамоми намудҳои нақлиёт дар минтақа.

## МОДДАИ 54

### Воситаҳои электронии алоқа ва хидмати алоқаи анъанавӣ (почта)

Дар доираи қудрату салоҳияти худ Тарафҳо ба густаришу таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаҳои зерин мекӯшанд:

- таҳия кардани сиёсат ва фармоишот доир ба рушди бахши воситаҳои электронии алоқа ва хидмати алоқаи анъанавӣ;
- таҳия кардани сиёсати нархгузорӣ ва асосҳои маркетинг барои воситаҳои электронии алоқа ва хидмати алоқаи анъанавӣ;
- таҳвил додани технология ва ноу-ҳау, хусусан онҳое, ки ба стандартҳои техникӣ ва низоми сертификатсияи аврупоӣ муносибат доранд;
- ҳавасманд кардан ба коркарди лоиҳаҳо барои воситаҳои электронии алоқа ва хидмати алоқаи анъанавӣ ва ҷалби сармоя;

- баланд бардоштани самарабахшӣ ва сифати воситаҳои электронии алоқа ва хидмати алоқаи анъанавӣ, аз ҷумла, ба воситаи либераликунонии фаолияти зербахшҳо;
- тарғиби корбасти воситаҳои ҳозиразамони электронии алоқа, хусусан, дар ҷодаи интиқоли электронии маблағҳо;
- беҳ намудани идораи шабақаҳои электронии алоқа ва мукаммал гардонидани онҳо;
- коркарди асоси ҳуқуқӣ барои таъмин намудани кори воситаҳои электронии алоқа ва хидмати алоқаи анъанавӣ ва, инчунин истифодаи фазои радио;
- беҳ намудани таълим дар соҳаи воситаҳои электронии алоқа ва хидмати алоқаи анъанавӣ барои фаолият дар шароити бозор.

## МОДДАИ 55

### Хидматҳои молиявӣ ва сохторҳои андоз

1. Ҳадафи ҳамкорӣ дар бахши хидмати молиявӣ, хусусан, мусоидат кардан ба раванди ҷалби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми дар олам маъруфи ҳисоби байниҳамдигарӣ мебошад. Ҳамкории техникӣ ба ин чизҳо равона хоҳад шуд:

- ба рушди бозори молия ва коғазҳои арзишнок;

- рушди хидмати бонкӣ, рушди бозори умумии захираҳои кредитӣ ва ҷалби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми дар олам маъруфи ҳисоби байниҳамдигарӣ;
- рушди хидмати бима, ки аз ҷумла, заминаи созгору мусоид барои ширкати муассисаҳои Иттиҳод дар сохтани корхонаҳои муштарак дар бахши бимаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар рушди бимаи содироти кредитҳо ба вуҷуд хоҳад овард;

Ин ҳамкорӣ, махсусан, бояд ба рушди муносибатҳои миёни Тарафҳо дар бахши хидмати молиявӣ мусоидат кунад.

2.Тарафҳо дар таҳия кардани низоми фискалӣ ва муассисаҳои фискалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ хоҳанд кард. Ин ҳамкорӣ мубодилаи маълумоту таҷрибаро дар соҳаи фискалӣ ва таълими кормандонеро, ки ба таҳия кардан ва анҷоми сиёсати фискалӣ машғуланд, фаро хоҳад гирифт.

## МОДДАИ 56

### Бозсозӣ ва хусусигардонии корхонаҳо

Бо эътирофи аҳамияти бунёдгузори хусусигардонӣ дар таъмини эҳёи муттасили иқтисодиёт, Тарафҳо розиянд, ки дар коркарди заминаи зарурии муассисавӣ, ҳуқуқӣ ва методологӣ ҳамкорӣ кунанд. Аҳамияти хоса ба таъмини раванди мураттаб ва шафофи хусусигардонӣ, мубодилаи маълумоту таҷриба ва таълимоти мувофиқ оиди сиёсати сармоягузорӣ дода хоҳад шуд.

Ёрии техникӣ, аз ҷумла, соҳаҳои зеринро дар назар дорад:

- дар худи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани раванди рушди заминаи муассисавӣ бо мақсади кумак расонидан ба он дар кори муайян кардан ва роҳбари намудани раванди хусусигардонӣ;
- таҳияи минбадаи стратегияи хусусигардонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла тартиб додани асосҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои анҷом додани онҳо;
- мусоидат кардан ба рушди муносибати бозаргони нисбати истифодаи замин ва ҳуқуқи моликият бар замин;
- бозсозии корхонаҳое, ки ҳануз ба хусусигардонӣ омода нестанд;
- рушди корхонаҳои хусусӣ, махсусан, корхонаҳои хурду миёна;
- рушди фондҳои сармоягузорӣ.

Мақсади чунин ҳамкорӣ мусоидат кардан ба ҷалби сармояи кишварҳои Иттиҳод ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## МОДДАИ 57

### Рушди минтақавӣ

1. Тарафҳо ҳамкории худро дар рушди минтақавӣ ва банақшагирии истифодаи заминҳо мустаҳкам хоҳанд кард.

2. Ба ин мақсад онҳо мубодилаи маълумотро миёни ҳукуматҳои миллӣ, минтақавӣ, ва маҳаллӣ оиди сиёсати минтақавӣ ва банақшагирии истифодаи заминҳо ва оиди усули таҳияи сиёсатҳои минтақавӣ бо таваҷҷуҳи хоса ба рушди ноҳияҳое, ки дар шароити номусоид қарор доранд, ҳавасманд хоҳанд кард.

   Тарафҳо инчунин робитаҳои мустақими миёни ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва минтақаҳоро, ки барои тарҳрезӣ кардани рушди минтақавӣ масъуланд, аз ҷумла, бо мақсади мубодилаи маълумот дар бораи роҳҳои тақвияи рушди минтақавӣ, ҳавасманд хоҳанд кард.

## МОДДАИ 58

### Ҳамкорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ

1. Дар соҳаи тандурустӣ ва амният Тарафҳо мувофиқанд, ки ҳамкории дуҷонибаро, аз ҷумла, барои болоравии дараҷаи муҳофизати тандурустӣ ва бехатарии коргарон тараққӣ диҳанд.

Ҳамкории мазкур, аз он ҷумла, инҳоро фаро мегирад:

- таълим ва машқ дар соҳаи ҳифзи тандурустӣ ва бехатарии шароити кор бо додани аҳамияти хоса ба ҳамон бахшҳои фаолият, ки дараҷаи хатар дар онҳо баланд аст;
- таҳия ва мусоидат ба гузаронидани маъракаҳо оиди пешгирии бемориҳои касбӣ ва оқибатҳои дигари манфии фаъолияти касбӣ;
- пешгирии хатари садамаҳои калон ва назорати муомила бо моддаҳои химиявии заҳролуд;
- пажуҳишҳо барои дарёфти маълумот ва дарки масъалаҳои муҳити корӣ, инчунин оиди тандурустӣ ва бехатарии коргарон.

2. Дар бахши шуғли аҳолӣ ҳамкории Тарафҳо ёрии техникиро дар самтҳои зерин фаро мегирад:

- такмили бозори меҳнат;

- замонавӣ гардондани низоми корҷӯӣ ва хадамоти машварат барои корҷӯён;
- ба нақша даровардан ва идораи барномаи бозсозӣ;
- ҳавасмандкунии рушди корҷӯӣ дар маҳалҳо;
- мубодилаи маълумот тибқи барномаҳои корҷӯии озод, аз ҷумла, тибқи он барномаҳое, ки соҳибкориро ташвиқ менамоянд.

3. Тарафҳо ба ҳамкорӣ дар бахши муҳофизати иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла, ба ҳамкорӣ оиди банақшагириву татбиқи ислоҳоти муҳофизати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса медиҳанд.

Ин ислоҳот ба рушди усулҳои муҳофизати иҷтимоӣ, ки иқтисодиёти бозаргониро хос мебошанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд ва ҳама самтҳои муҳофизати аҳолиро фаро мегиранд.

## МОДДАИ 59

## Туризм

Тарафҳо ҳамкориро дар ин соҳа густариш ва рушд медиҳанд, аз он ҷумла, дар самтҳои зерин:

- мусоидат кардан ба савдои амволи барои туристон пешбинӣ шуда;

- вусъати ҷараёни иттилоот;
- таҳвили ноу-хау;
- омӯзиши имкониятҳои амалиёти муштарак;
- ҳамкории мақомоти расмии туристӣ, аз ҷумла, тайёр намудани маводи таблиғоти;
- машқҳои таълими доир ба рушди туризм.

Моддаи 60

Корхонаҳои хурду миёна

1. Тарафҳо ҳадаф доранд, ки корхонаҳои хурду миёна (КХМ) ва иттиҳодияҳои онҳоро тараққӣ ва таҳким диҳанд ва таҳким кунанд, ҳамчунин ҳамкории миёни корхонаҳои хурду миёни Иттиҳодро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд гардонанд.
2. Ҳамкорӣ ёрии техникиро, бахусус, дар соҳаҳои зерин фаро мегирад:

- таҳияи чорчӯбаи қонунгузорӣ барои корхонаҳои хурду миёна;

- инкишофи зерсохтори дархур барои дастгирии корхонаҳои хурду миёна ба мақсади рушди алоқаҳо ва ҳамкории тиҷоратӣ миёни КХМ ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз хоки он ва ба кормандони КХМ омузондани малакаҳое, ки баҳри дарёфти маблағ барои кор зарур;
- машқҳои таълими дар соҳаҳои маркетинг, муҳосибот ва назорати сифати маҳсулот.

МОДДАИ 61

Иттилоот ва алоқа

Тарафҳо рушди тарзҳои навини коргарди маълумотро, аз ҷумла, воситаҳои ахборро дастгирӣ хоҳанд кард ва ба мубодилаи дутарафаи самараноки маълумот мусоидат хоҳанд кард. Имтиёз ба барномаҳое дода мешавад, ки нияти ба оммаи васеъ пешкаш намудани маълумоти асосӣ дар бораи Иттиҳод ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, аз ҷумла, то ҷое имкон дорад, онҳо базаи маълумотро дастрас хоҳанд кард. Зимни ин ҳуқуқҳои моликияти ақлӣ комилан бояд риоя шаванд.

## МОДДАИ 62

### Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон

Тарафҳо ҳамкории зичро, ки ҳадафаш расидан ба мутобиқати низомҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон мебошад, таъмин хоҳанд кард. Ин ҳамкорӣ мубодилаи маълумотро дар соҳаи қонунгузорӣ ваислоҳоти муассисот; ташкил додани низоми доимии мубодилаи маълумот дар бораи маҳсулоти хавфнок; такмили маълумот барои истеъмолгарон, бахусус, дар бораи нарху наво, сифоти маҳсулоту хидмати пешниҳодшаванда; ба роҳ мондани мубодилаи намояндагоне, ки манфияти истеъмолгаронро ҳимоя мекунанд; торафт мутобиқ кунонидани сиёсатҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон ва доир кардани семинару машқҳои таълимиро фаро мегирад.

## МОДДАИ 63

### Гумрук

1. Мақсади ҳамкориҳо дар ин соҳа риояи кафолатноки тамоми муқарраroте, ки дар робита бо савдо ва савдои одилона қабул гардидааст, инчунин муваффақ шудан ба мутобиқати системаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо системае мебошад, ки дар Иттиҳод амал мекунад.

2. Ҳамкориҳо дар ин соҳа аз ҷумла нуктаҳои зеринро дарбар мегиранд:

- мубодилаи иттилоот;

- такмил додани усулҳои кор;
- ҷорӣ кардани Номгӯи муттаҳид ва ҳуҷҷати ягонаи маъмурӣ;
- осон кардани тафтишҳо ва расмиятҳои вобаста ба интиқоли борҳо;
- мусоидат кардан ба татбиқи системаҳои иттилоотии гумрукии ҳозиразамон;
- баргузории давраҳои семинарӣ ва коромӯзӣ.

Дар мавридҳои зарурӣ ҳамкорӣ бо ёрии техникӣ дастгирӣ хоҳад ёфт.

3. Бе халалдор кардани муқаррароти ин Созишнома, ки ба ҳамкориҳои минбаъда алоқамананд, аз ҷумла Фасли VIII, ёрии байниҳамдигарии мақомоти Тарафҳо дар масъалаҳои гумрукӣ мутобиқи муқаррароти Протоколе ба амал бароварда мешавад, ки ба ҳамин Созишнома замима мегардад.

## МОДДАИ 64

### Ҳамкориҳо дар соҳаи омор

Ҳамкориҳо дар ин соҳа ба рушди минбаъдаи системаҳои самарабахши оморӣ бо мақсади пешниҳод намудани маълумоти эътимодноки оморӣ, ки барои пешбурд ва мониторинги дигаргунсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ зарур аст, инчунин мусоидат ба рушди корхонаҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нигаронида мешаванд.

Тарафҳо аз ҷумла дар соҳаҳои зерин ҳамкорӣ хоҳанд кард:

- мутобиқ гардонидани системаи омории Тоҷикистон бо методҳо, стандартҳо ва таснифоти байналмилалӣ;
- мубодилаи маълумоти оморӣ;
- таъмини маълумоти омории макро ва микроиқтисодӣ, ки барои ба амал баровардан ва идора намуданиислоҳоти иқтисодӣ зарур аст.

Бо ин мақсад Иттиҳод ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии техникӣ мерасонад.

МОДДАИ 65

Илми иқтисодӣ

Ҳамкорӣ дар ин соҳа ба мусоидат намудан ба раванди ислоҳоти иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҳамоҳангии сиёсатҳои иқтисодӣ ба воситаи ҳамкорӣ, ба мақсади беҳ гардонидани дарки асосҳои иқтисодиёти Тарафҳо, таҳия ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ равона шудааст. Бад-ин мақсад Тарафҳо оиди фаъолияти макроиқтисодӣ ва дурнамо мубодилаи маълумот хоҳанд кард.

Иттиҳод, аз он ҷумла бо назардошти мавридҳои зерин ёрии техникӣ мерасонад:

- дар татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ аз тариқи пешкаши машваратҳои коршиносон ва расонидани ёрии техникӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳавасмандкунии ҳамкории иқтисодчиён барои сураъатбахшӣ ба интиқоли иттилоот ва ноу-хау барои таҳияи сиёсати иқтисодӣ ва таъмини густариши ҳар чӣ бештари таҳқиқоти марбута;
- афзоиш додани имконоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори эҷоди моделҳои иқтисодӣ.

## ФАСЛИ VII

## ҲАМКОРӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА ДЕМОКРАТИЯ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

### МОДДАИ 66

Тарафҳо дар мавриди ҳамаи масъалаҳои вобаста ба барпо, ё таҳкими муассисоти демократӣ, аз ҷумла онҳое, ки барои тақвияти давлати ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ заруранд, мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ ва Созмони Амнияту Ҳамкории Аврупо ҳамкорӣ менамоянд.

Ин ҳамкорӣ барномаҳои ёрии техникиро, аз ҷумла дар масъалаҳои тарҳрезии қонунҳо ва муқаррарот, татбиқи амалии чунин қонунҳо, таъмини амали ниҳодҳои ҳуқуқӣ, нақши давлат дар ҳалли масоили ҳуқуқи ва татбиқи низоми интихоботро фаро мегирад. Аз руи зарурат машқҳои таълимӣ баргузор мегарданд. Тарафҳо ба густариши тамосҳо ва мубодилоти миёни дастгоҳҳои ҳукуматии миллӣ, минтақавӣ ва ҳуқуқӣ, байни аъзои парлумони Тарафҳо ва ҳамчинин Созмонҳои ғайридавлатӣ мусоидат менамоянд.

## ФАСЛИ VIII

## ҲАМКОРӢ БАРОИ ПЕШГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ВА ПЕШГИРИЮ НАЗОРАТИ МУҲОҶИРАТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ

### МОДДАИ 67

Тарафҳо бо максади пешгирии фаъолияти ғайриқонунӣ, дар мавридҳои зерин ҳамкорӣ мекунанд:

- фаъолияти ғайриқонунӣ дар соҳаи иқтисод ба шумули фасод (коррупсия);
- муомилаи ғайриқонунии молҳои гуногун, ба шумули партовҳои саноатӣ ва содироти ғайриқонунии силоҳ;
- баровардани пулҳои қалбакӣ ва тақаллубҳои мухталиф.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои ёдшуда дар шакли машваратҳои дутарафа ва Амалии якҷоя анҷом меёбад. Он расонидани ёрии техникӣ ва маъмуриро ба шумули мавридҳои зайл пешбинӣ мекунад:

- таҳияи қонунҳои миллӣ оиди пешгирии фаолияти ғайриқонунӣ;
- ба вуҷуд овардани марказҳои иттилоотӣ;
- афзоиши самараи муассисаҳои амалкунанда дар кори пешгирии фаолияти ғайриқонунӣ;
- таълими ходимон ва вусъати зерсохтори таҳқиқотӣ;
- таҳияи тадбирҳои мақбули тарафҳо барои мубориза бо фаъолияти ғайриқонунӣ.

МОДДАИ 68

Пулшӯйи

1. Тарафҳо оиди зарурати кӯшишу ҳамкорӣ барои пешгирӣ кардани истифодаи сохторҳои молиявии худ баҳри «поксозии» сармояи маҳсули фаолияти ҷинояткорона умуман ва савдои маводи мухаддир, хусусан, ҳамфикр ҳастанд.

2. Ҳамкорӣ дар ин соҳа шомили кӯмаки маъмуриву техникӣ бо мақсади таҳияи дастурҳои мубориза зидди «пулшуӣ» аст, ки ба дастурҳои Иттиҳод ва байналмиллалӣ, аз ҷумла Гурӯҳи байналмиллалии коркарди тавсияҳои молиявӣ бояд мувофиқ бошанд.

## МОДДАИ 69

### Мубориза бо моводи мухаддир

Тарафҳо дар доираи ихтиёру салоҳиятҳои худ бо мақсади афзоиши самараи кор оиди барномаҳо ва иқдомоти марбут ба мубориза бо истеҳсол, судур ва интиқоли моддаҳои мухаддир ва психотропи, аз ҷумла, пешгирӣ кардани дуздии моддаҳои кимиёии барои истеҳсоли онҳо зарур ва ҳамчунин бо мақсади пешгирӣ ва маҳдудсозии талабот ба моводи мухаддир ҳамкорӣ хоҳанд кард. Дар мавриди назорати моддаҳои кимиёӣ ва моводи дигаре, ки барои истеҳсоли ғайриқонунии моводи мухаддир ва психотропи истифода мешаванд, чунин ҳамкорӣ дар асоси меъёрҳои Иттиҳод ва байналмиллали, масалан, эҷоди гурӯҳи махсуси амалиётӣ доир ба маҳсулоти кимиёӣ сурат мегирад. Ҳамкорӣ анҷоми машварату ҳамоҳангии Тарафҳоро оиди мақсадҳо ва тадбирҳое, ки дар соҳаҳои гуногуни мубориза ба моводи мухаддир андешида мешавад, пешбинӣ менамояд.

## МОДДАИ 70

### Ҳамкорӣ дар масъалаҳои муҳоҷират

1. Тарафҳо аҳамияти хоса доштани идораи муштараки ҷараёнҳои дутарафаи муҳоҷиронро тасдиқ менамоянд. Ба мақсади таҳкими ҳамкорӣ гуфтугӯи бисёрҷонибаро оиди масъалаҳое, ки ба муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати ғайриқонунӣ, аз марз гузарондану савдои одамон, ҳамчунин дар бораи таъкиди масъалаҳои муҳоҷират дар санадҳои стратегии миллӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ва рушди ҷомеаи Ватани муҳоҷирон, баргузор хоҳанд кард.

2. Ҳамкорӣ ба баҳодиҳии эҳтиёҷоти махсус бунёд хоҳад ёфт, ба машварати якдигарӣ анҷом дода хоҳад шуд ва тибқи қонунгузории дархури миллӣ ва қонунгузории ҷории Иттиҳод амалӣ хоҳад гашт. Аз ҷумла ба масъалаҳои зерин таваҷҷӯҳи хоса дода мешавад:

а) баррасии сабабҳои пайдоиши муҳоҷират;

б) рушду татбиқи қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи бехатарии байналмилалӣ ба хотири таъмини муқаррароти Конвенсияи Женевагии соли 1951 дар бораи мавқеи гурезаҳо ва Протоколи с. 1967 ва дигар асноди байналмилалии дархур ва таъмини эҳтироми амри "рад накардан";

в) эътирофи ҳуқуқу мақоми одамони қабулшуда, муносибати одилона ва кумак барои ба ҷамъият мутобиқ шудани ғайрирезидентҳое, ки иқомати қонунӣ доранд, таълиму тамрин ва тадбирҳои муқобили нажодпарастиву ксенофобия;

г) таъсиси сиёсати самаранок ва монеасоз, муқобили муҳоҷирати ғайриқонунӣ, интиқоли муҳоҷирон ва савдои одамон, ҳамчунин барои гирифтани пеши роҳи интиқолу савдо ва барои ҳимояи шахсоне, ки ба ин ҳол гирифтор шудаанд;

д) бозгардондани шаҳрвандоне, ки ғайриқонунӣ иқомат мекунанд, бо риояи меъёрҳои башардусти ва иззати шахс, аз ҷумла, мусоидат ба бозгашти ихтиёрии онҳо ва қабули онҳо дар ватан тибқи параграфи 3;

е) ҷорӣ намудани низоми раводид дар ҳолате, ки ба манфиати тарафҳо бошад;

ж) арсаи назорати сарҳад дар масъалаҳои созмондиҳӣ, машқу таълими ходимон, истифода аз таҷрибаи беҳтарин ва дигар тадбирҳои бунёдгузорӣ ва дар ҳолати зарурат муҳайё кардани таҷҳизот, аммо истифодаи дуҳӯраи чунин таҷҳизотро ба назар гирифтан лозим аст.

3. дар чаҳорчӯбаи ҳамкори бо мақсади пешгирӣ ва назорат кардани муҳоҷирати ғайриқонунӣ, Тарафҳо мутаффиқанд, ки муҳоҷирони ғайриқонунии худро такроран бипазиранд. Ба ин мақсад:

- Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран ҳамаи шаҳрвандони худро, ки дар ҳудуди яке аз Давлатҳои аъзои Иттиҳод ғайриқонунӣ истиқомат доранд, ба дархости Иттиҳод бе ягон расмият хоҳад пазируфт;

- Ҳар Давлати аъзои Иттиҳод ҳамаи шаҳрвандони худро, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ истиқомат доранд, бо дархости Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ягон расмият хоҳад пазируфт.

Давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи шаҳрвандони худ барои муайян намудани шахсият ҳуҷҷат фароҳам меоранд.

Тарафҳо тасмим гирифтанд, ки тибқи дархосташон ҳар чӣ зудтар созишномае дар бораи танзими вазифаҳои хосаи Давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди қабули такрории шаҳрвандон, ҳамчунин шароити қабули такрории шаҳрвандони давлатҳои дигар ва шахсоне, ки аз шаҳрвандӣ маҳруманд, ба имзо расонанд.

Барои ин ҳадаф истилоҳи "Тарафҳо" ба маънии Иттиҳоди Аврупо, ҳар як Давлати аъзои он ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## МОДДАИ 71

### Мубориза бо терроризм

Тарафҳо аҳамияти муборизаро бо терроризм таъкид карда конвенсияҳои байналмиллалӣ ва қонунҳову муқарраротн марбут бо мақсади пешгирӣ ва рафъи пурраи иқдомоти террористӣ:

- дар чаҳорчӯбаи иҷрои комили Қарори 1373-и Шӯрои Амнияти СММ ва Қарорҳои дигари СММ, конвенсияҳо, воситаҳои дигари байналмиллалӣ, ки дар ин бобат ба кор бурда мешаванд;
- тариқи мубодилаи иттилоот мутобиқи қонунҳои байналмиллалӣ ва миллӣ доир ба гурӯҳҳои террористӣ ва шабақаҳои дастгирии онҳо;
- тариқи мубодилаи воситаҳо ва усулҳое, ки барои мубориза бо терроризм истифода мешаванд, аз ҷумла ҷанбаҳои техникӣ ва таълими мутахассисон ва аз тариқи мубодилаи таҷрибаи пешгирии терроризм ҳамкори хоҳанд кард.

## ФАСЛИ IX

## ҲАМКОРИИ ФАРҲАНГӢ

### МОДДАИ 72

Тарафҳо уҳдадор мешаванд ба ҳамкории фарҳангӣ мусоидат карда, ин корро тарғиб ва осон намоянд. Дар ҳар маврид барномаҳои мавҷудаи ҳамкории фарҳангии Иттиҳод ва ин ё он Давлати аъзои он метавонанд мавзӯи чунин ҳамкорӣ қарор гиранд. Илова бар ин дар ин замина мумкин аст намудҳои дигари фаъолият ба манфиати тарафайн рушд ёбанд.

## ФАСЛИ X

## ҲАМКОРИИ МОЛИЯВӢ

### МОДДАИ 73

Барои расидан ба ҳадафҳои ин Созишнома ва мутобиқ бо Моддаҳои 74, 75 ва 76 Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани ёрии молиявии муваққатӣ дар шакли кумаки техникӣ аз тарафи Иттиҳод мувофиқ аст.

## МОДДАИ 74

Ин ёрии молиявӣ дар доираи барномаи ТАСИС, ва мутобиқи Қарори Шӯрои Иттиҳод муайян мегардад, сурат мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин аз намудҳои дигари кумаки Иттиҳод дар сурати эҳтиёҷ метавонад баҳра гирад. Диққати хоса ба марказонидани кумак, мувофиқати воситаҳои кумак ва алоқа байни навъҳои гуногуни ёрии башардустона, баҳри эҳё ва рушд дода мешавад. Мубориза бо бенавоӣ ҷузъи Барномаҳои Иттиҳод хоҳад буд.

## МОДДАИ 75

Ҳадафҳо ва соҳаҳои кумаки молиявии Иттиҳод дар Барномаи раҳнамое, ки вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳамкории миёни Иттиҳод ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконоти бахшҳои иқтисодиёт ва пешрафти ислоҳот муайян хоҳад намуд, ҷойгир хоҳанд шуд. Тарафҳо дар ин бора ба Шӯрои ҳамкорӣ иттилоъ хоҳанд дод.

## МОДДАИ 76

Барои ба манфиати бештар истифода намудани захираҳои мавҷуд, Тарафҳо мекушанд то кумакҳои Иттиҳод ва ҳар саҳми дигар, мисли саҳми Давлатҳои аъзо, давлатҳо ва созмонҳои байналмиллалии дигар, аз қабили Бонки Байналмиллалии Бозсозиву Рушд ва Бонки Аврупоии Бозсозиву Рушд, дар ҳамоҳангии зич бошанд.

## ФАСЛИ XI

## МУҚАРРАРОТИ МУАССИСОТӢ, УМУМӢ ВА НИҲОИ

### МОДДАИ 77

Шӯрои ҳамкорӣ таъсис дода шуд, то риояи Созишномаро назорат кунад. Шӯрои Ҳамкорӣ ҷаласаҳои худро дар сатҳи вазирон ташкил мекунад. Фосилаи байни ҷаласаҳоро худи Шӯро муайян мекунад, аммо онҳо ақаллан боре дар 2 сол бояд баргузор шаванд. Шӯрои Ҳамкорӣ ҳама гуна масъалаҳои муҳимеро, ки дар доираи ин Созишнома пайдо мешаванд, ва ҳамчунин ҳама гуна масъалаҳои дуҷониба ва байналмилалиро, ки барои иҷрои вазифаҳои дар ин Созишнома гузашташуда мавриди таваҷҷуҳи мутақобил қарор мегиранд, баррасӣ менамоянд. Шӯрои Ҳамкорӣ ҳамчунин ҳақ дорад бо мувофиқати ду Тараф, тавсияҳои дахлдорро таҳия намояд.

### МОДДАИ 78

1. Шӯрои Ҳамкорӣ, аз як тараф аз аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва, аз тарафи дигар, аз аъзои Шӯрои Иттиҳоди Аврупо ва аъзои Иттиҳоди Аврупо иборат аст.

2. Шӯрои Ҳамкорӣ низоми коргузории худро ташаккул медиҳад.

3. Мақоми раиси Шӯрои Ҳамкориро ба навбат аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Иттиҳод ишғол мекунанд.

## МОДДАИ 79

3. Бо мақсади мусоидат ба Шӯрои Ҳамкорӣ дар иҷрои вазифаҳояш Кумитаи Ҳамкорӣ таъсис мешавад, ки аз як сӯ, аз намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва аз сӯи дигар, аз аъзои Шӯрои Иттиҳоди Аврупо ва аъзои Комиссияи Иттиҳоди Аврупо дар сатҳи ходимони баландмансаб иборат аст. Мақоми Раиси Кумитаи Ҳамкориро ба навбат намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Иттиҳод ишғол мекунанд.

Дар қоидаҳои коргузории худ Шӯрои Ҳамкорӣ вазифаҳои Кумитаи Ҳамкориро ташкил медиҳад, ки аз ҷумла омодасозии ҷаласаҳои Шӯрои Ҳамкорӣ ва тартиби кори Кумитаро дар бар мегирад.

2. Шӯрои Ҳамкорӣ ҳақ дорад қисми ихтиёроти худро ба Кумитаи Ҳамкорӣ, ки кори бевақфаро дар фосилаҳои байни ҷаласаҳои Шӯрои Ҳамкорӣ таъмин мекунад, вогузор намояд.

## МОДДАИ 80

Шӯрои Ҳамкорӣ ҳақ дорад дар хусуси ҳар кумита ё мақоми вижаи дигар, ки барои кумак дар иҷрои вазифаҳои он лозим бошад, қарор қабул кунад, таркиб ва вазифаҳои чунин кумита ё мақом ва ҳамчунин тартиби фаъолияти онро муайян кунад.

## МОДДАИ 81

Дар ҷараёни омӯзиши ҳар масъалае, ки дар доираи Созишнома вобаста ба муқаррарот бо ишора ба моддаи яке аз Созишномаҳои марбут ба СҶС, Шӯрои ҳамкорӣ ба вуҷуд меояд, то ҳадди имкон ҳамон тафсире қабул карда мешавад, ки аъзоёни СҶС ба он модда медиҳанд

## МОДДАИ 82

Комиссияи парлумонии ҳамкорӣ таъсис мешавад. Ин комиссия форуми аъзои Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Аврупо мебошад, ки ба мақсади мулоқот ва табодули назар, аз он ҷумла оиди гуфтугӯи сиёсӣ дар сатҳи парлумон даъват мешавад. Ҷаласаҳои комиссия дар фосилаҳое, ки худи комиссия муқаррар мекунад, сурат мегирад.

## МОДДАИ 83

1. Комиссияи Парлумонии Ҳамкорӣ аз аъзои Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф ва аъзои Парлумони Аврупо аз тарафи дигар таркиб меёбад.
2. Комиссияи Парлумонии Ҳамкорӣ меёрҳои коргузории худро муқаррар мекунад.

3. Вазифаи роҳбари Кумитаи Парлумони Ҳамкориро мувофиқи муқаррароти меёрҳои коргузорӣ ба навбат намояндаи Парлумонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Парлумони Аврупо ишғол мекунад.

## МОДДАИ 84

Комиссияи Парлумонии Ҳамкорӣ ҳақ дорад иттилооти марбут ба иҷрои ин Созишномаро талаб намояд. Шӯрои Ҳамкорӣ дар навбати худ мувазаф аст, иттилооти дархостшударо ба Комиссияи Парлумонӣ фароҳам орад.

Ба Комиссияи Парлумонии Ҳамкорӣ оиди тавсияҳои Шӯрои Ҳамкори итилоот дода мешавад.

Комиссияи Парлумонии Ҳамкорӣ ҳақ дорад ба Шӯрои Ҳамкорӣ тавсия диҳад.

## МОДДАИ 85

1. Дар доираи ҳамин Созишнома ҳар кадоме аз Тарафҳо ӯҳдадор мешавад, ки дастрасии озоди бетабъизи шахсҳои ҳуқуқии Тарафи дигарро, чунон, ки барои шаҳрвандони худ аст, ба мақомоти салоҳиятдори судӣ ва маъмурии Тарафҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳои фардӣ ва ҳуқуқи моликият, аз ҷумла ҳуқуқҳое, ки ба моликияти ақлӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ мансубанд, таъмин намояд.

2. Тарафҳо дар доираи ваколатҳои дахлдори худ:

- ташвиқи истифода аз ҳакамотро дар ҳалли баҳсҳои марбут ба муомила ва амалиётҳои тиҷоратию ҳамкориҳое, ки субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳод ба амал мебароранд, ба роҳ мемонанд;

- ба он мувофиқат мекунанд, ки агар баҳс ба ҳакамот супорида шуда бошад, ҳар кадом аз тарафҳои баҳс метавонад, агар қоидаҳои маркази ҳакамот, ки Тарафҳо интихоб намудаанд, чизи дигарро пешбинӣ нанамуда бошад, ҳаками худро новобаста ба табияти шаҳрвандиаш таъйин кунанд ва раиси чунин ҳакамот ё ҳаками ягона мумкин аст шаҳрванди давлати сеюм бошад;

- ба субъектҳои хоҷагидории худ тавсия медиҳанд, ки бо мувофиқати байни ҳамдигар меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки дар қарордодҳои онҳо истифода мегарданд, муайян намоянд;

- ташвиқи истифодаи қоидаҳои ҳакамоти дар Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи байналмилалии савдо (UNCITRAL) таҳиягардида ва ҳаками ҳар кадом маркази давлатҳои иштирокчии Конвенсия оид ба эътироф ва истифодаи ҳуқуқии қарорҳои ҳакамоти хориҷиро, ки дар Ню-Йорк 10 июни соли 1958 ба имзо расидааст, ба роҳ мемонанд.

## МОДДАИ 86

Ҳеҷ чиз дар ин Созишнома барои дар доираи ваколатҳои худ аз ҷониби Тарафҳо андешидани ҳар кадом тадбире:

а) ки онҳо барои пешгирии ошкор гардидани иттилооти ба амнияти онҳо зарари ҷиддӣ расонанда зарур мешуморанд;

б) ки ба истеҳсол ё фурӯши аслиҳа, муҳиммоти ҷангӣ ё молҳои таъйиноти ҳарбӣ дошта ё тадқиқот, таҳия ё истеҳсолоти дорои мақсадҳои мудофиавӣ дахл доранд, ба шарте, ки чунин тадбирҳо шароити рақобатро нисбат ба молҳои таъйиноти махсуси ҳарбӣ надошта бад насозанд;

в) ки онҳо барои бехатарии худ дар ҳолати вайронкории ҷиддии дохилии вобаста ба ҳифзи қонуну тартибот дар замони ҷанг, ё ҷиддан шиддат ёфтани вазъияти байналмилалӣ, ки ба сар задани ҷанг таҳдид мекунад, ё бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои базиммагирифта барои ҳифзи сулҳ ва амнияти байналмилалӣ муҳим мешуморанд;

г) ки онҳо барои риоя намудани ӯҳдадориҳои вобаста ба назорати молҳо ва технологияҳои саноатии дорои истифодаи таъйиноташон духура зарур мешуморанд, монеъ намегардад.

## МОДДАИ 87

1. Дар соҳаҳое, ки бо ин Созишнома фаро гирифта мешаванд ва бе маҳдуд сохтани ин ё он муқаррароти дар он дарҷёфта:

- мувофиқатҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба Иттиҳод ба кор мебарад, набояд боиси афзудани табъиз нисбат ба Давлатҳои аъзо, шаҳрвандони онҳо ё ширкату фирмаҳои онҳо гардад;

- мувофиқатҳое, ки Иттиҳод нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор мебарад, набояд боиси афзудани табъиз нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони он ё ширкату фирмаҳои он гардад;

2. Муқаррароти параграфи 1 ҳуқуқи Тарафҳоро дар истифода бурдани муқаррароти дахлдори қонунгузории андоз нисбат ба андозсупорандагоне, ки ҷои истиқоматашон ҳолати мушаххасро надорад, маҳдуд намесозад.

## МОДДАИ 88

1. Ҳар кадоме аз Тарафҳо метавонад ба Шӯрои ҳамкорӣ ҳар гуна баҳсеро, ки ба истифода ё тафсири ин Созишнома дахл дорад, супорад.

2. Шӯрои ҳамкорӣ метавонад баҳсро ба воситаи тавсия додан ҳал намояд.

3. Дар ҳолате, ки агар баҳс тибқи параграфи 2 ҳамин Модда ҳал нагардад, ҳар кадоме аз Тарафҳо метавонад Тарафи дигарро дар хусуси таъин кардани миёнарави созиш хабар диҳад; Тарафи дигар дар ин ҳолат миёнарави дуюми созишро дар давоми ду моҳ таъин мекунад. Барои мақсадҳои тартиботи мазкур, Иттиҳод ва Давлатҳои аъзо ҳамчун як тарафи баҳс дониста мешаванд.

Шӯрои ҳамкорӣ миёнарави сеюми созишро таъин менамояд.

Тавсияҳои миёнаравҳои созиш бо аксарияти овозҳо қабул карда мешаванд. Чунин тавсияҳо барои Тарафҳо ҳатмӣ намебошанд.

## МОДДАИ 89

Тарафҳо мувофиқат доранд, ки ба тартиби фаврӣ машваратҳоро аз тариқи каналҳои дахлдор ва бо дархости яке аз Тарафҳо оид ба ҳар масъалае, ки ба тафсир ё истифодабарии ин Созишнома ё дигар ҷанбаҳои муносибатҳои байни Тарафҳо дахл дорад, баргузор намоянд.

Муқаррароти ин Модда ба Моддаҳои 12, 88 ва 94 таъсир надорад ва бе маҳдуд сохтани онҳо татбиқ мeёбад.

Шӯрои ҳамкорӣ метавонад барои ҳалли чунин ихтилофҳо тавсияҳо таҳия созад.

## МОДДАИ 90

Низоми ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ин Созишнома пешниҳодшаванда ба ҳеҷ ваҷҳ нисбат ба низоме, ки Давлатҳои аъзо ба якдигар пешниҳод мекунанд, муносибтар нест.

## МОДДАИ 91

Барои ҳадафҳои Созишномаи мазкур истилоҳи «Тарафҳо» маънии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, ва Иттиҳод ё Давлатҳои аъзои онро, тибқи салоҳияти онҳо, аз тарафи дигар дорад.

## МОДДАИ 92

Ба ҳамон андозае, ки масъалаҳои дар ин Созишнома фаро гирифташуда дар шартномаи Паймони энергетикӣ ва Протоколҳои марбут ба он пешбинӣ шудаанд, чунин Шартнома ва Протоколҳо баъди эътибор пайдо кардан нисбат ба ин масъалаҳо татбиқ мегарданд, вале танҳо ба ҳамон андозае, ки чунин татбиқ дар ин ҳуҷҷатҳо пешбинӣ карда мешавад.

## МОДДАИ 93

Созишномаи мазкур нахуст ба мӯҳлати 10 сол баста шудааст. Ва пас аз гузаштани ин мӯҳлат сол ба сол аз нав оғоз меёбад то даме, ки яке аз Тарафҳо тарафи дигарро ба таври хаттӣ аз қатъи эътибори он шаш моҳ пеш аз гузаштани мӯҳлат огоҳ кунад.

## МОДДАИ 94

1. Тарафҳо ҳар гуна тадбирҳои умумӣ ва махсусро, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳо аз рӯи ин Созишнома заруранд, меандешанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки мақсадҳои дар Созишнома баёнёфта ба амал бароварда шаванд.

2. Агар яке аз Тарафҳо гумон кунад, ки Тарафи дигар ӯҳдадориҳои ин Созишнома ба зимма гузоштаро иҷро намекунад, пас вай ҳақ дорад тадбирҳои дахлдорро ба амал барорад. Пеш аз ин, ба истиснои ҳолатҳои махсусан таъҷилӣ, вай ба Шӯрои ҳамкорӣ тамоми маълумоти дахлдорро, ки барои муфассал омӯхтани вазъият зарур аст, чиҳати ёфтани роҳи ҳалли барои Тарафҳо қобили қабул, пешниҳод мекунад.

   Ҳангоми интихоби чунин тадбирҳо бояд бартарӣ ба ҳамон тадбирҳое дода шавад, ки ҳар чи камтар амали ин Созишномаро халалдор мекунанд. Шӯрои ҳамкорӣ бетаъхир дар бораи ин тадбирҳо хабар мерасонад, агар Тарафи дигар инро дархост намояд.

## МОДДАИ 95

Замимаҳои I, II, III ва IV дар якҷо бо Протокол оид ба мусоидати байниҳамдигарии маъмурӣ қисми ҷудонашавандаи ин Созишномаро ташкил медиҳанд.

## МОДДАИ 96

Созишномаи мазкур то даме, ки ҳуқуқҳои ҳамто ба шахсони воқеӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ дар чаҳорчӯбаи ин Созишнома муҳайё мегарданд, он ҳуқуқҳоеро, ки дар айни замон ба субъектҳои мазкур тибқи Созишномаҳое, ки чанд Давлатҳои аъзоро, аз як тараф, ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро, аз тарафи дигар, ба ҳам мепайванданд, фаро нахоҳад гирифт, ба истисноии соҳаҳое, ки салоҳдиди худи Иттиҳод мебошанд ва ба вазифаҳои Давлатҳои аъзоро, ки аз тақозои Созишномаи мазкур дар соҳаҳое, ки дар салоҳдиди он мебошанд, бармеоянд, халалдор намешаванд.

## МОДДАИ 97

Созишномаи мазкур, аз як тараф, дар ҳудуде, ки Созишнома дар бораи Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо ва Иттиҳоди Аврупо оиди Энергияи Атом корбаст мешавад, мувофиқи шартҳое, ки дар он ду Созишнома мундариҷ аст, ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи дигар, корбаст мешавад.

## МОДДАИ 98

Котиби Генералии Шӯрои Иттиҳоди Аврупо маҳфуздорандаи Созишномаи мазкур мебошад.

## МОДДАИ 99

Нусхаи асли Созишномаи мазкур дар назди Котиби Генералии Шӯрои Иттиҳоди Аврупо маҳфуз аст. Нусхаҳои он, ки ба забонҳои олмонӣ, англисӣ, даниягӣ, испанӣ, эстонӣ, финӣ, фаронсавӣ, юнонӣ, маҷорӣ, италянӣ, латвиӣ, литовӣ, малтоӣ, ҳолландӣ, полякӣ, португалӣ, словакӣ, словенӣ, шведӣ, чехӣ ва тоҷикӣ мебошанд, ҳамагӣ мақоми баробари нусхаи аслро доранд.

## МОДДАИ 100

Созишномаи мазкур аз ҷониби Тарафҳо тибқи муқаррароти низоми коргузории дохилии худ ба тасвиб расида аст.
Созишномаи мазкур рӯзи нахустини моҳи дуюм пас аз он санае, ки Тарафҳо Котиби Генералии Шӯрои Иттиҳоди Аврупоро оиди анҷом додани муқарраროте, ки зикрашон дар боло гузашт, огоҳ мекунанд, эътибор хоҳад пайдо кард.

Аз лаҳзаи эътибор пайдо кардан ва дар он ҳаҷме, ки муносибатҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳодро фаро мегирад, Созишномаи мазкур Созишномаро дар бораи савдо, тиҷорат ва ҳамкории иқтисодии миёни Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо, аз як тараф, ва Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Социалистӣ, аз тарафи дигар, ки дар Брюссел 18 декабри с. 1989 ба имзо расида буд, иваз хоҳад кард.

## МОДДАИ 101

Агар ҳолате рух диҳад, ки то пурра ба анҷом расидани коргузории зарурӣ барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур муқаррароти бархе аз фаслҳои Созишномаи мазкур дар шакли созишномаи муваққатие, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳод корбаст шаванд, Тарафҳо мувофиқанд, ки дар чунин вазъиятҳо ифодаи «санаи эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур» маънии санаи эътибор пайдо кардани чунин созишномаи муваққатиро дошта бошад.

САНАДИ ХОТИМАВӢ

Намояндагони ваколатдор:

ШОҲИГАРИИ БЕЛГИЯ,

ҶУМҲУРИИ ЧЕХИЯ,

ШОҲИГАРИИ ДАНИЯ,

ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАЛИИ ОЛМОН,

ҶУМҲУРИИ ЭСТОНИЯ,

ҶУМҲУРИИ ЮНОН,

ШОҲИГАРИИ ИСПАНИЯ,

ҶУМҲУРИИ ФАРОНСА,

ИРЛАНДИЯ,

ҶУМҲУРИИ ИТАЛИЯ,

ҶУМҲУРИИ КИПР,

ҶУМҲУРИИ ЛИТВА,

ҶУМҲУРИИ ЛАТВИЯ,

ҲЕРСОГИИ БУЗУРГИ ЛЮКСЕМБУРГ,

ҶУМҲУРИИ МАҶОРИСТОН,

ҶУМҲУРИИ МАЛТА,

ШОҲИГАРИИ НИДЕРЛАНДҲО,

ҶУМҲУРИИ АВСТРИЯ,

ҶУМҲУРИИ ПОЛША,

ҶУМҲУРИИ ПОРТУГАЛИЯ,

ҶУМҲУРИИ СЛОВЕНИЯ,

ҶУМҲУРИИ СЛОВАКИЯ,

ҶУМҲУРИИ ФИНЛАНДИЯ,

ШОҲИГАРИИ ШВЕД,

ШОҲИГАРИИ МУТТАҲИДАИ БРИТАНИЯИ КАБИР ВА ИРЛАНДИЯИ ШИМОЛӢ,

Тарафҳои паймонбанди Созишномаи муассиси ИТТИҲОДИ АВРУПО ва муассиси ИТТИҲОДИ АВРУПОИИ ЭНЕРГИЯИ АТОМӢ, ки сипас "Давлатҳои аъзо" номида мешаванд, ва

ИТТИҲОДИ АВРУПО ва ИТТИҲОДИ АВРУПОИИ ЭНЕРГИЯИ АТОМӢ
ки сипас "Иттиҳод" номида мешаванд

аз як тараф,

ва намояндагони ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз тарафи дигар

дар шаҳри Люксембург рӯзи 11 октябри соли 2004 барои имзо кардани Созишномаи дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ миёни Иттиҳодҳои Аврупо ва Давлатҳои онҳо, аз як тараф, ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи дигар, ки сипас ҳамчун "Созишнома" ном бурда мешавад, ҷамъ шуданд ва матн(ҳо)и санадҳои зеринро қабул карданд:

Созишнома, Замимот ба Созишнома, ва Протоколи зерин:

Протокол дар бораи мусоидати маъмурӣ ҳамдигарӣ дар масъалаҳои гумрукӣ.

Намояндагони салоҳиятдори Давлатҳои аъзо ва Иттиҳод ва намояндагони салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон матни Эъломияҳои Муштарак, ки дар поён ёдоварӣ мешаванд ва бад-ин Санади Хотимавӣ замима мегардад, қабул карданд:

Эъломияи муштарак дар бораи маълумотҳое, ки хусусияти шахсӣ доранд.

Эъломияи Муштарак дар бораи Моддаи 5-и Созишнома.

Эъломияи Муштарак дар бораи Моддаи 13-и Созишнома.

Эъломияи Муштарак дар бораи мафҳуми "назорат", ки дар Моддаи 23, банди б, ва 34 омада аст

Эъломияи Муштарак дар бораи Моддаи 33-и Созишнома

Эъломияи Муштарак дар бораи Моддаи 40-и Созишнома

Эъломияи Муштарак дар бораи Моддаи 94-и Созишнома

Намояндагони ваколатдори Давлатҳои аъзо ва Иттиҳод ва намояндагони салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин Санади Эъломияи Комиссия ва Шӯрои Иттиҳоди Аврупоро оиди ҳамон нуқтае, ки қабули дубораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ (Моддаи 70)-ро фаро мегирад ва бад-ин Санади Хотимавӣ замима мегардад, қабул карданд.

Намояндаҳои ваколатдори давлатҳои аъзои ҳам Иттиҳод ва ҳам намояндаҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин Акти зеринро оид ба мубодилаи номаҳо, ки ба Акти Фарҷомӣ замима мегардад, қабул намуданд.

Мубодилаи номаҳо миёни Иттиҳод ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба созмон додани ширкатҳо.

Намояндаҳои ваколатдори Давлатҳои аъзо ва намояндаҳои ваколатдори Иттиҳод ва намояндаҳои ваколатдори Тоҷикистон, инчунин Акти Эъломияи зеринро қабул намуданд, ки ба Акти Фарҷомии мазкур замима мегардад:

Эъломияи Ҳукумати Фаронса

# РУЙХАТИ ҲУҶҶАТҲОИ ЗАМИМАШАВАНДА

Замимаи I. Рӯйхати тавзеҳотии бартариҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар Кишварҳои Мустақил тибқи параграфи 3-и Моддаи 7 пешниҳод карда аст.

Замимаи II. Шартҳои Иттиҳод тибқи параграфи 2-и Моддаи 21

Замимаи III. Хизматҳои молиявӣ мувофиқи параграфи 3-и Моддаи 23

Замимаи IV. Конвенсия оиди моликияти ақлӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ, ки дар Моддаи 39 зикр ёфтаанд.

Протокол дар бораи ёрии дуҷонибаи маъмурӣ дар масъалаҳои гумрукӣ

**ЗАМИМАИ I**

## РУЙХАТИ ТАВЗЕҲОТИИ БАРТАРИҲОЕ, КИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУТОБИҚИ МОДДАИ 7, ПАРАГРАФИ 3 БА ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ ПЕШНИҲОД МЕНАМОЯД.

1. Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия: боҷҳои гумрукӣ ситонда намешаванд.
2. Молҳое, ки мувофиқи шартномаҳои ҳамкориҳои саноатии кишварҳои ИДМ интиқол дода мешаванд, андозбандӣ намешаванд.
3. Сертификати мутобиқат барои истеҳсолоти силсилавӣ (сериявӣ) аз тарафи ҳамаи кишварҳои ИДМ эътироф шуда дар асоси он Сертификати миллии мутобиқат тартиб дода мешавад.
4. Системаи махсуси пардохтҳои ҷорӣ барои тамоми кишварҳои ИДМ.
5. Шароитҳои махсуси транзит барои тамоми кишварҳои ИДМ.

**ЗАМИМАИ II**

## ШАРТҲОИ МУҚАРРАРКАРДАИ ИТТИҲОД ТИБҚИ МОДДАИ 21, ПАРАГРАФИ 2

Саноати истихроҷи маъдан

Дар бархе аз Давлатҳои аъзо барои ширкатҳое, ки таҳти назорати Иттиҳод қарор надоранд баҳри истихроҷи захираҳои табиӣ ва маъданӣ эҳтимол консесия лозим шавад.

Шикори моҳӣ

Дастрасӣ ба манбаҳои биологӣ ва захираҳои моҳӣ, ки дар обҳои баҳрии дар тобеияту зери юрисдиксияи Давлатҳои аъзо қарор доранд ва ҳуқуқи истифодаро аз онҳо танҳо киштиҳое доранд, ки зери парчами Давлатҳои аъзои Иттиҳод мебошанд ва дар ҳудуди Иттиҳод ба қайд гирифта шудаанд, агар муқаррароте дигар ин ҳуқуқро ба давлатҳои ғайр надода бошанд.

Хариди моликияти ғайриманқул

Хариди моликияти ғайриманқул аз ҷониби давлатҳое, ки аъзои Иттиҳод нестанд, дар бархе аз Давлатҳои Иттиҳод маҳдуд аст.

Хизматҳои аудиовизуалӣ, аз ҷумла радио:

Режими миллии истеҳсол ва пахши иттилоот, аз ҷумла, радиошунавоӣ ва дигар шаклҳои пахши оммавии иттилоот метавонад барои фаъолияти аудиовизуалӣ, ки ба бархе меъёрҳои пайдоишӣ ҷавобгуст, муқаррар шуда бошад, вале ин зерсохтори радиошунавоиро барои интиқоли чунин корҳои аудиовизуалӣ фаро намегирад.

Хизматҳои касбӣ

Хизматҳое, ки ба шахсони воқеи, ки шаҳрвандони Давлатҳои аъзо мебошанд, муқаррар шудаанд. Ин гуна шахсон дар шароитҳои муайян метавонанд ширкатҳо барпо кунанд.

Кишоварзӣ

Режими миллӣ дар бархе аз Давлатҳои аъзо нисбати ширкатҳое, ки дар зери назорати Иттиҳод нестанду мехоҳанд ширкатҳои кишоварзӣ барпо кунанд, истифода намешавад. Дар бораи харидории токзорҳо аз ҷониби ширкатҳое, ки аз назорати Иттиҳод берунанд, бояд хабар дода шавад, ва, агар зарур бошад, иҷозати расмӣ гирифта шавад.

Хидмати агентии иттилоот

Дар бархе аз Давлатҳои аъзо иштироки хориҷиён дар ширкатҳои нашриётӣ ва ё ширкатҳои телевизиону радиё маҳдуд аст.

**ЗАМИМАИ III**

## ХИДМАТҲОИ МОЛИЯВИЕ, КИ МАНЗУРИ МОДДАИ 23 ПАРАГРАФИ 3 МЕБОШАНД.

Мафҳуми «хизматҳои молиявӣ» ҳар хизмати хусусияти молиявӣ доштаро, ки аз ҷониби пешниҳодкунандаи хизмати молиявии яке аз Тарафҳо расонида мешавад, мекунад фаро мегирад. Хизматҳои молиявӣ фарогири чунин навъи фаъолиятҳо мебошанд:

А. Хама хизматҳои бимавӣ ва хизматҳое, ки аз онҳо бар меоянд.

1. Бимаи мустақим (ҳамчунин бимаи шарикӣ):

- бимаи ҷон

- дигар бима ба ҷуз бимаи ҷон.

2. Бимаи дубора ва гузашти дубора.

3. Фаолияти миёнаравҳои бимавӣ, аз қабили брокеру агентҳо.

4. Хидматҳои иловагии бима, ҳамчун машварат, омори мақомоти бима, баҳодиҳии ба дараҷаи воқеияти хавф ва осеб.

Б. Хизматҳои бонкӣ ва дигар хизматҳои молиявӣ (ба истисноии бима):

1. Қабули пасандоз ва дигар маблағҳои баргарданда аз аҳолӣ фондҳои ҷамъиятии ҷубронӣ.

2. Ҳама гуна қарзҳо, аз он ҷумла кредитҳои харҷӣ, ипотекӣ, факторинг ва барои муомилоти тиҷоратӣ.

3. Лизинг молиявӣ-иҷорӣ.

4. Тамоми хизматҳои пардохтӣ ва интиқоли пул, мисли кортҳои кредитӣ ё кортҳои пардохтӣ, чекҳои бонкиву сафарӣ.

5. Амонат ва вазифаҳо.

6. Савдо аз номи худ ва ё номи муштариён ё дар биржа, ё бозори берун аз он, ё дигар, аз он ҷумла:

а) воситаҳои бозори молиявӣ (чек, сертификати депозитӣ ва ғ.)

б) мубодилаи арз

в) амалиёт, аз ҷумла фючерс ва оптионҳо

г) фоизҳои табдили пул ва фоизҳои қарз ва маҳсулоти онҳо ҳамчун swap (мубодила), созишномаҳо оиди замонат ва ғ;

д) саҳмҳои фоизхури гузаранда;

е) ва дигар воситаҳои активи молиявӣ, ки метавонанд мавриди муомила бигарданд, аз ҷумла захираҳои металҳои гаронбаҳо.

7. Ширкат дар интишори ҳама намудҳои коғази арзишнок, аз он ҷумла, дар имзову чойгиркунии коғазҳои арзишнок (хусусӣ ва умумӣ) ба сифати агент ва хизматгузории марбути интишор.

8. Фаъолият ба ҳайси брокери арз.

9. Идораи амвол, аз он ҷумла, идораи маблағҳои нақдӣ ва сармоягузориш, ҳамаи шаклҳои идораи маблағгузории маҷмуӣ, идораи фонди нафақа, оид ба нигаҳдории депозит ва амалиёти трастӣ.

10. Хизматгузорӣ оид ба супоридани қарзу андоз ва пардохтҳои дигари вобаста ба активҳои молиявӣ, аз ҷумла, коғазҳои арзишнок ва дигар васоити муомилотӣ.

11. Хизматгузории машваратӣ доир ба молия ва дигар хизматгузории ёридиҳанда аз руи ҳамаи намудҳои фаъолияте, ки дар бандҳои 1 то 10-и боло зикр шудаанд, аз ҷумла, пешкаши маводи ахборотиву таҳлилӣ оид ба кредит, таҳқиқу тавсияҳо зимни масоили сармоягузорӣ ва ҷойгиркунии коғазҳои арзишнок, муҳайё кардани тавсияҳо перомуни хариди ширкат, бозсозӣ ва стратегияҳои ширкатҳо.

12. Пешниҳоду интиқоли ахбороти молиявӣ, коркарди маълумоти молиявӣ ва пешниҳоди барномаи мутобиқи таъминотӣ аз ҷониби таъминкунандагон хизматҳои дигари молиявӣ.

Намудҳои зерини фаъолият аз мафҳуми хизматгузории молиявӣ истисно мешаванд:

а) амалиёте, ки аз ҷониби бонкҳои марказӣ ва дигар мақомоти давлатӣ зимни гузарондани сиёсати кредитиву пулӣ ва сиёсате, ки ба қурби арзӣ алоқаманд аст, татбиқ карда мешавад;

б) амалиёте, ки аз ҷониби бонкҳои марказӣ, мақомоту департаментҳои ҳукуматӣ ва ё ташкилотҳои давлатӣ аз ҳисоб ва ё ба кафолати ҳукумат гузаронда мешаванд, ба истиснои лаҳзаҳое, ки амалиёти мазкурро агар хизматгузорони молиявӣ дар асоси рақобат бо мақомоти мушобеҳи давлатӣ татбиқ созанд;

в) амалиёте, ки як қисмати таркибии низоми қонунии бимаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақавиро ташкил медиҳад, ба истисноӣ лаҳзаҳое, ки ин амалиёт аз ҷониби хизматгузорони молиявӣ зимни рақобат бо мақомоти мушобеҳи давлативу инфиродӣ татбиқ мешавад.

**ЗАМИМАИ IV**

## КОНВЕНСИЯ ОИД БА ҲИФЗИ МОЛИКИЯТИ МАЪНАВӢ, САНОАТӢ ВА ТИҶОРАТӢ (КИ МАНЗУРИ МОДДАИ 39 МЕБОШАД)

1. Моддаи 39 (2) ба мувофиқатҳои бисёрҷонибаи зерин дахл дорад:

- Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои пахши радиоӣ (Рим, соли 1961);
- Протокол ба Созишномаи Мадрид, ки ба бақайдгирии байналмилалии нишонҳои молӣ дахл дорад ( Мадрид, соли 1989);
- Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи намудҳои нави растаниҳо (UPOV) (Санади Женева, соли 1991).

2. Шӯрои ҳамкорӣ метавонад истифодаи Моддаи 39 (2)-ро ба тавофуқҳои бисёрҷонибаи дигар тавсия намояд. Дар ҳолати сар задани мушкилоти вобаста ба моликияти зеҳнӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ, ки ба шароити савдо дахл доранд, бо дархости ҳар кадоме аз Тарафҳо бояд машваратҳои фаврӣ бо мақсади таҳия сохтани роҳҳои ҳалли барои ҳамдигар қобили қабул, анҷом дода шаванд.

3. Тарафҳои аҳдкунанда аҳамияти ӯҳдадориҳои аз конвенсияҳои бисёрҷонибаи зерин бароянддаро таъкид менамоянд:

- Конвенсияи Париж оид ба ҳимояи моликияти саноатӣ (Санади Стокголм, соли 1967 бо иловаҳои соли 1979);

- Созишнома дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи патент (Вашингтон, соли 1970 бо ислоҳоти соли 1979 ва тағйироти соли 1984);

- Конвенсияи бозрасишудаи Берн оид ба ҳимояи асарҳои адабӣ ва бадеӣ (соли 1986 бо охирин ислоҳоти соли 1979);

- Созишнома оид ба нишони тиҷоратӣ (Женева, соли 1994).

4. Баробари эътибор пайдо кардани ин Созишнома Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ширкатҳо ва шаҳрвандони Иттиҳод оид ба эътироф ва ҳимояи моликияти зеҳнӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ низомеро пешниҳод менамояд, ки аз мусоидии низоми ба ҳар кадом кишвари сеюм тибқи созишномаҳои дуҷониба пешниҳодшаванда, камтар набошад.

5. Муқаррароти параграфи 4 нисбат ба бартариҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар кадом кишвари сеюм дар асоси мутақобилан фаъол медиҳад, инчунин бартариҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои дигари собиқ ИҶШС медиҳад, татбиқ нахоҳанд шуд.

# ПРОТОКОЛ
# ОИД БА МУСОИДАТИ БАЙНИҲАМДИГАРИИ МАҚОМОТИ МАЪМУРӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ ГУМРУКӢ

## МОДДАИ 1

### Мафҳумҳо

Барои ҳадафҳои ин Протокол:

а. «қонунгузории гумрукӣ» маънои ҳама гуна муқаррароти ҳуқуқӣ ё танзимкунандаеро дорад, ки дар қаламрави Тарафҳои аҳдкунанда нисбат ба воридот, содирот ва транзити молҳо ва ҳар гуна тартиботи гумрукии вобаста ба онҳо истифода мегардад, аз ҷумла тадбирҳои манъкунанда, маҳдудкунанда ва назоратӣ, ки Тарафҳо қабул кардаанд;

б. «мақоми дархосткунанда» маънои мақоми салоҳиятдори маъмуриеро дорад, ки Тарафе бо ин мақсадҳо таъин намудааст ва он дархостро дар бораи мусоидат кардан дар масъалаҳои гумрукӣ, пешниҳод мекунад;

в. «мақоми дархостшаванда» маънои мақоми салоҳиятдори маъмуриеро дорад, ки Тарафе бо ин мақсадҳо таъин намудааст ва он дархостро дар бораи мусоидат кардан дар масъалаҳои гумрукӣ, қабул мекунад;

г. «маълумотҳои шахсӣ» тамоми маълумотҳоеро мефаҳмонад, ки ба шахси ташхишкардашуда ё ташхисшаванда дахл доранд;

д. «амалҳое, ки қонунгузории гумрукиро вайрон мекунанд» маънои ҳама гуна вайронкунии қонунгузории гумрукӣ, инчунин ҳар гуна кӯшиши вайрон кардани чунин қонунгузориро дорад.

## МОДДАИ 2

### Соҳаи татбиқ

1. Тарафҳо ба тарз ва бо шартҳое, ки дар асоси ин Протокол гузошта шудаанд, дар таъмин намудани истифодаи дурусти қонунгузории гумрукӣ, махсусан, ҷиҳати пешгирӣ кардан, ошкор намудан ва таҳқиқоти ҳолатҳои вайрон кардани ин қонунгузорӣ, ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд.

2. Мусоидат кардан дар масъалаҳои гумрукӣ, чунон ки дар ин Протокол муайян карда шудааст, ба ҳар кадом мақоми маъмурии Тарафҳо, ки салоҳияти истифодабарии ин Протоколро дорад, татбиқ мегардад. Он ба қоидаҳои танзимкунандаи мусоидати байниҳамдигарӣ дар масъалаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ, зарар намерасонад. Вай инчунин ба иттилооте, ки бинобар ваколатҳо бо тақозои мақомоти судӣ истифода мегардад, дахл надорад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки чунин мақомот ба он розӣ бошанд.

## МОДДАИ 3

### Мусоидат аз рӯи дархост

1. Бо муроҷиати мақоми дархосткунанда мақоми дархостшаванда тамоми иттилооти дахлдорро ҷиҳати фароҳам овардани имконият барои таъмини иҷрои муносиби қонунгузории гумрукӣ, аз ҷумла иттилооти марбут ба тадбирҳои ба нақша гирифташаванда ё анҷом додашаванда, ки чунин қонунгузориро вайрон мекунанд, ё мумкин аст бо вайрон кардани ин қонунгузорӣ ба амал баровarда шаванд, ба мақоми дархосткунанда пешниҳод мекунад.

2. Бо мурочиати мақоми дархосткунанда мақоми дархостшаванда ба ӯ:

- а. дар хусуси ба тартиби лозим ба қаламрави Тарафи дигар ворид шудан ё нашудани молҳое, ки аз қаламрави яке аз Тарафҳо содир мешаванд, хабар медиҳад ва ҳангоми зарурат, тартиботи гумрукии нисбат ба молҳо анчом додашударо қайд менамояд;

- б. дар хусуси ба тартиби лозим ба қаламрави Тарафи дигар ворид шудан ё нашудани молҳое, ки аз қаламрави яке аз Тарафҳо содир мешаванд, хабар медиҳад ва ҳангоми зарурат, тартиботи гумрукии нисбат ба молҳо анчом додашударо қайд менамояд;

3. Бо мурочиати мақоми дархосткунанда мақоми дархостшаванда дар доираи муқаррароти ҳуқуқӣ ва танзимии худ тадбирҳои зарурӣро барои таъмини назорати доимии:

а. шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки нисбат ба онҳо асоси кофии гумон бурдан, ки онҳо қонунгузории гумрукиро вайрон кардаанд ё вайрон мекунанд, мавчуд аст;

б. чойҳои анборкунии молҳо, ки гумон меравад дар он қонунгузории гумрукӣ қасдан вайрон карда мешавад;

в. интиқоли молҳо, ки гумон меравад дар он қонунгузории гумрукӣ қасдан вайрон карда мешавад;

г. воситаҳои нақлиёт, ки нисбат ба онҳо барои гумон бурдан, ки онҳо бо вайронкунии қонунгузории гумрукӣ истифода шудаанд, ё мумкин аст истифода шаванд, асос вуҷуд дорад,
ба амал мебарорад.

## МОДДАИ 4

### Мусоидат бе дархост

Тарафҳо бояд бо ташаббуси худ ба ҳамдигар тибқи қонунҳо, қоидаҳо ва дигар ниҳодҳои ҳуқуқӣ ёрӣ расонанд, агар онҳо гумон кунанд, ки ин барои дуруст истифо кардани қонунгузории гумрукӣ зарур аст, махсусан вақте ки онҳо дар хусуси:

-тадбирҳое, ки ба амалиётҳое асос ёфтаанд, ки ба чунин қонунгузорӣ мухолифанд ва мумкин аст барои тарафи дигар аҳамият дошта бошанд;

- восита ва усулҳои нав, ки барои иҷрои чунин амалиётҳои хилофкорона истифода бурда мешаванд;

- молҳое, ки дар амалиётҳои хилофи қонунгузории гумрукӣ фаро гирифта шудаанд;

- шахсҳои воқеӣ ва ҳуқуқие, ки нисбат ба онҳо асоси гумон бурдан, ки дар анҷом додани амалиётҳои хилофи қонунгузории гумрукӣ ҷалб шудаанд ё ҷалб шуда буданд, мавҷуд аст;

- воситаҳои нақлиёт, ки нисбат ба онҳо барои гумон бурдан, ки онҳо дар амалиётҳои хилофи қонунгузории гумрукӣ истифода шудаанд, ё мумкин аст истифода шаванд, асос вуҷуд дорад, иттилоотро дар ихтиёр доранд.

МОДДАИ 5

Дастрас/хабардор кардан

Бо хоҳиши кишвари дархосткунанда мақомоти ҳокимияти дархостшаванда бояд мутобиқи қонунгузории худ тамоми тадбирҳои заруриро барои:

- дастрас кардани ҳамаи ҳуҷҷатҳо,

- хабардор кардан дар хусуси қарорҳо,

ки аз кишвари дархосткунанда содир шуда таҳти амали ин Протокол қарор мегиранд ва ба адресати дар қаламрави он истиқомат ё иқоматкунанда дахл доранд, ба амал барорад. Дар чунин ҳолатҳо нисбат ба дархостҳои вобаста ба коммуникатсия ё хабардоркунӣ моддаи 6, банди 3 истифода мешавад.

## МОДДАИ 6

### Шакл ва мазмуни дархости мусоидат

1. Дархостҳо мутобиқи Протокол бояд дар шакли хаттӣ ба расмият даровардa шаванд. Ҳуҷҷатҳои барои иҷрои чунин дархостҳо зарурӣ бояд ҳамроҳи онҳо бошанд. Ҳангоми таъҷилӣ будани вазъият мумкин аст, ки дархостҳои шифоҳӣ қабул карда шаванд, вале онҳо бояд бетаъхир дар сурати хаттӣ тасдиқ карда шаванд.

2. Дархостҳо тибқи параграфи 1 ҳамин модда иттилооти зеринро дарбар мегиранд:

   а. дархост аз ҷониби дархосткунанда,

   б. тадбирҳои дархостшаванда,

   в. объект ва сабаби дархост,

   г. қонунҳо, қоидаҳо ва унсурҳои дигари ҳуқуқӣ, ки ба дархост дахл доранд,

   д. иттилооти аз рӯи имкон ҳар чи дақиқтар ва фарогир оид ба шахсҳои воқеӣ ва ҳуқуқие, ки мавзӯи таҳқиқот мебошанд,

   е. баёни мухтасари далелҳои ба парванда дахлдор ва иттилоот дар хусуси таҳқиқотҳои анҷомёфта.

3. Дархостҳо ба забони расмии тарафи дархостшаванда ё ба забони дар тарафи дархостшаванда қобили қабул, пешниҳод карда мешавад.

4. Агар дархост ба талаботҳои расмӣ ҷавобгӯ набошад, мумкин аст талаби ислоҳ ё илова кардани он пеш гузошта шавад, вале мумкин аст, ки барои андешидани тадбирҳои пешакӣ дастур дода шавад.

# МОДДАИ 7

## Иҷро кардани дархости мусоидат

1.Бо мақсади иҷрои дархости мусоидат мақоми дархостшаванда дар доираи салоҳияти худ ва бо назардошти манбаъҳои мавҷуда ба пешниҳод кардани иттилооти дар ихтиёраш дошта оғоз мекунад, чунон ки вай аз номи худ ё бо дархости мақоми дигари ҳамин Тараф бо баргузории таҳқиқоти зарурӣ ё ба роҳ мондани гузаронидани он аз ҷониби дигарон, онро анҷом медод. Ин муқаррарот инчунин нисбат ба ҳар кадом мақоми дигаре, ки дархости Тарафи дархостшаванда дар асоси ҳамин Протокол барояш равона гардида, Тарафи дархостшаванда наметавонад аз номи худ амал кунад, қобили татбиқ мебошад.

2. Иҷрои дархостҳои мусоидат мувофиқи қонунҳо, қоидаҳо ва механизмҳои дигари ҳуқуқии Тарафи дархостшаванда анҷом дода мешавад.

3. Шахсони ба тарзи лозим ваколатдоршудаи Тарафи дархостшаванда бо ризоияти Тарафи дигар ва мутобиқи шароите, ки охирин муқаррар намудааст, метавонанд аз мақоми дигари тобеи он иттилооти ба вайрон кардани қонунгузории гумрукии бо мақсадҳои ин Протокол ба мақоми салоҳиятдори дархостшаванда заруриро гиранд.

4. Шахсони мансабдори Тарафҳо метавонанд дар ҳоли ризоияти Тарафи дигар ва мутобиқи шароите, ки охирин муқаррар намудааст, ҳангоми гузаронидани таҳқиқот дар қаламрави вай иштирок намояд.

## МОДДАИ 8

### Шакли пешниҳод кардани иттилоот

1. Мақоми дархостшаванда ба мақоми дархосткунанда натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли ҳуҷҷатҳо, нусхаи тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо ва ғайра мерасонад.

2. Ҳуҷҷатҳои дар банди 1 зикрёфта мумкин аст ба иттилооти компютеришуда, ки дар ҳар кадом шакл ба ҳамин мақсадҳо пешниҳод гардидаанд, иваз карда шаванд.

3. Асли файлҳо ё ҳуҷҷатҳо танҳо дар ҳолатҳое талаб карда мешаванд, ки нусхаҳои тасдиқшуда нокифоя бошанд. Аслҳои пешниҳод кардашуда дар аввалин фурсати имконпазир баргардонда мешаванд.

# МОДДАИ 9

## Истисно аз ӯҳдадории расонидани мусоидат

1. Тарафҳо мумкин аст аз расонидани мусоидат чунон, ки дар ин Протокол қайд гардидааст, даст кашанд, агар он тавонад:

   а. ба соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё кишвари аъзо, ки доир ба расонидани мусоидат дар доираи ин Протокол дархост гирифтааст, зиён оварад;

   ё

   б. ба сиёсати ҷомеа, бехатарӣ ё дигар манфиатҳои муҳимтарин, аз ҷумла дар ҳолатҳои дар Моддаи 10 (2) баёнёфта, зиён расонад;

   ё

   в. сирри тиҷоратӣ, саноатӣ ё касбиро халалдор намояд.

2. Мусоидат мумкин аст аз ҷониби мақоми дархостшаванда ба таъхир гузошта шавад, агар вай ба таҳқиқот, таъқибот ё истеҳсолоти ҳуқуқии дар ҳоли иҷро, мамониат расонад. Дар чунин маврид мақоми дархостшаванда бо мақоми дархосткунанда бо мақсади он, ки оё мусоидат таҳти шароите, ки мақоми дархостшаванда пеш мегузорад, қарор мегирад ё не, бояд машварат анҷом диҳад.

3. Дар ҳолате, ки мақоми дархосткунанда мусоидатеро дархост кунад, ки худи вай агар бо чунин хоҳиш ба ӯ муроҷиат мекарданд, наметавонист онро пешниҳод намояд, ӯ дар дархости худ ба ин факт диққатро ҷалб менамояд. Мақоми дархостшаванда доир ба аксуламали худ ба чунин дархост тасмим мегирад.

4. Агар мусоидат расонидан рад карда шавад, пас ин қарор ва сабабҳои он бояд бетаъхир дар шакли хаттӣ ба мақоми дархосткунанда хабар дода шаванд.

## МОДДАИ 10

### Мубодилаи иттилоот ва риоя кардани махфият

1. Ҳар кадом иттилооте, ки дар ҳар шакл дар асоси ин Протокол расонида мешавад, хусусияти махфӣ дорад. Нисбат ба он бояд низоми расмии махфият ва ҳимояе татбиқ гардад, ки ба низоми дар доираи қонунгузории дахлдор нисбат ба иттилооти монанд дар кишвари гирандаи он, инчунин муқаррароти дахлдори дар мақомоти расмии Иттиҳод татбиқшаванда, мушобеҳат дорад.

2. Мубодилаи маълумотҳои шахсӣ танҳо дар ҳолате мумкин аст сурат гирад, ки Тарафи гиранда барои ҳимояи чунин маълумот ҳадди ақал ба тарзе иқдом намояд, ки дар чунин ҳолатҳо Тарафи фиристанда ба кор мебарад.

3. Иттилооти пешниҳодшавандаро танҳо барои мақсадҳои ҳамин Протокол истифода бурдан мумкин аст. Дар мавриде, ки яке аз Тарафҳо чунин иттилоотро барои мақсадҳои дигар дархост намояд, пас вай бояд мувофиқати пешакии хаттии мақоми фиристандаи иттилоотро гирад. Истифодабарии чунин иттилоот тобеи тамоми маҳдудиятҳое мегардад, ки ин мақом муқаррар намудааст.

4. Параграфи 3 набояд барои истифодаи иттилоот дар ҳар кадом тартиботи ҳуқуқӣ ё маъмурие, ки дар натиҷаи вайрон кардани қонунгузории гумрукӣ ба амал баровварда шудааст, монеъ гардад. Ба мақоми салоҳиятдори ин иттилоотро дода бояд фавран аз чунин истифодабарӣ хабар расонида шавад.

5. Тарафҳо метавонанд дар қайдҳои протоколии далелҳои пешниҳодшуда, ҳисоботҳо ва нишондоди шоҳидон, дар проседураҳо ва айбдоркуниҳои ба суд супоридашуда, иттилоот ва ҳуҷҷатҳои мутобиқи муқаррароти ин Протокол мувофиқагардида ва ба даст овардашударо истифода баранд.

## МОДДАИ 11

### Коршиносон ва шоҳидон

1. Ба шахси мансабдори мақоми салоҳиятдор дар доираи ваколатҳои гирифтааш мумкин аст иҷозат дода шавад, ки ба сифати коршинос ё шоҳид дар ҷараёни амалҳои судӣ ё маъмурию мурофиавии марбут ба масъалаҳое, ки ин Протокол фаро мегирад ва дар доираи ҳуқуқии Тарафи дигар қарор доранд, баромад кунад ва чунин предметҳо, ҳуҷҷатҳо ё нусхаҳои тасдиқшудаи онҳоро, ки барои мурофиа мумкин аст талаб карда шаванд, пешниҳод намояд. Тақозои баромад кардан дар суд ё ба доираи ҳуқуқии он аз рӯи расмият тобеъ шудан бояд ишораи махсусеро, доир ба кадом масъала ва ё дар кадом асос ин шахси мансабдор мавриди пурсиш қарор мегирад, дошта бошад.

2. Гарави ҳимояи шахсони мансабдор дар кишвари дархостшаванда мувофиқи қонунгузории он кишвар барои шахсони мансабдори худ муайян мегардад.

## МОДДАИ 12

### Хароҷоти расонидани мусоидат

Тарафҳо бояд аз даъвоҳои байниҳамдигарии вобаста ба ҷуброни хароҷоти ҳангоми иҷрои ин Протокол анҷомдодашуда даст кашанд, ба истиснои ҳангоми зарурат, хароҷоти коршиносон ва шоҳидон, инчунин тарҷумонҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, ки дар хизмати давлатӣ нестанд.

## МОДДАИ 13

### Татбиқ

1. Роҳбарии иҷрои ин Протокол ба мақомоти марказии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф ва хадамоти салоҳиятдори Комиссияҳои Иттиҳоди Аврупо ва дар мавриди мувофиқи мақсад будан, ба мақомоти гумрукии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, аз тарафи дигар, вогузор мегардад. Онҳо доир ба тамоми масъалаҳо, тадбирҳои амалӣ ва созишномаҳое, ки барои иҷрои ин Протокол заруранд, бо дар назар гирифтани қоидаҳо дар бобати ҳифзи маълумотҳо, қарор қабул хоҳанд кард. Онҳо метавонанд ба мақомоти салоҳиятдор доир ба ворид кардани тағйироте, ки барои ин Протокол зарур мешуморанд, тавсия диҳанд.

2. Тарафҳо машваратҳои байниҳамдигариро давом хоҳанд дод ва минбаъд якдигарро оид ба қоидаҳои муфассали татбиқи амалӣ, ки тибқи муқаррароти ин Протокол қабул гардидаанд, хабардор мекунанд.

## МОДДАИ 14

### Созишномаҳои дигар

1. Бо дар назар гирифтани ваколатҳои дахлдори Иттиҳоди Европа ва давлатҳои аъзои он, муқаррароти ин Протокол:

- набояд ба ӯҳдадориҳои Тарафҳои аҳдкунанда дар доираи ҳар созишнома ё конвенсияи байналмилалии дигар, таъсир расонанд;

- ба сифати иловаҳо ба созишномаҳои мусоидати байниҳамдигарие дониста шаванд, ки байни кишварҳои алоҳидаи аъзо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудаанд;

- ба муқаррароти идораи мубодилаи ҳар гуна иттилоот байни хадамоти салоҳиятдори Комиссия ва мақомоти гумрукии кишварҳои аъзо, ки дар соҳаҳои фарогирифтаи ин муқаррарот ба даст оварда шуда, метавонанд барои Иттиҳод муҳим бошанд, таъсир гузоранд.

2. Бе маҳдуд кардани муқаррароти параграфи 1, муқаррароти ин Созишнома нисбат ба муқаррароти созишномаи дуҷониба оид ба мусоидати байниҳамдигарӣ, ки байни давлатҳои алоҳидаи аъзо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудаанд ё мумкин аст баста шаванд, дар ҳолатҳое, ки муқаррароти онҳо бо муқаррароти ин Протокол носозгор бошанд, бартарӣ доранд.

3. Дар масъалаҳои қобили татбиқ будани ин Протокол Тарафҳои аҳдкунанда дар ҳалли масъалаҳо дар доираи Кумитаи ҳамкорӣ, ки тибқи Моддаи 79 ин Созишнома таъсис ёфтааст, бояд машварат гузаронанд.

## ЭЪЛОМИЯИ МУШТАРАК ОИД БА МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

Ҳангоми татбиқи Созишномаи мазкур тарафҳо ба зарурати таъмин сохтани ҳимояи якхелаи маълумоти шахсӣ ва гардиши озоди ин маълумотҳо мӯътақиданд.

## ЭЪЛОМИЯИ МУШТАРАК ОИД БА МОДДАИ 5

Агар Тарафҳо иқрор кунанд, ки шароит барои гузаронидани мулоқотҳо дар сатҳи баландтарин мувофиқ аст, ин мулоқотҳо бояд ба таври муносиб ташкил карда шаванд.

## ЭЪЛОМИЯИ УМУМӢ ОИДИ МОДДАИ 13

Бо ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишномаи асосӣ дар бораи тиҷорат ва нархҳо Тарафҳо дар чаҳорчӯбаи Комитети ҳамкорӣ дар мавриди сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳуқуқҳои воридот (импорт), ки сиёсати тағйири ҳимояи нархҳоро низ фаро мегирад, машваратҳо доир мегардонанд. Ин машвартҳо аслан пештар аз болоравии нарху наво доир мегарданд.

# ЭЪЛОМИЯИ МУШТАРАК ОИД БА МАФҲУМИ «НАЗОРАТ», КИ ДАР МОДДАИ 22 БАНДИ Б) ВА МОДДАИ 33-УМИ СОЗИШНОМА ИСТИФОДА ШУДААСТ

1. Тарафҳо ҳамдигарфаҳмии худро дар хусуси он ки масъалаҳои назорат дар ҳар ҳолати алоҳида ба мавриди воқеӣ вобастагӣ дорад, тасдиқ менамоянд.

2. Масалан як ширкат аз тарафи ширкати дигар ҳамчун « назоратшаванда» қарор мегирад ва ба ҳамин тариқ ширкати фаръии вай ба ҳисоб меравад, агар:

   -ширкати дигар, мустақиман ва ё ғайримустақим аксарияти овозҳоро соҳиб аст, ё агар,

   -ширкати дигар ҳуқуқи таъин кардан ва ё озод намудани аксарияти аъзоёни муассисаи маъмуриятро, ва ё муассисаи идоракунанда ва ё ташкилоти назоратиро дорад, ва агар ҳамзамон вай саҳмдор ва ё аъзои ширкати фаръӣ бошад.

3. Тарафҳо чунин мешуморанд, ки меъёрҳое, ки дар банди 2 муайян шудаанд, ниҳоӣ нестанд.

## ЭЪЛОМИЯИ МУШТАРАК ОИД БА МОДДАИ 32-УМИ ИН СОЗИШНОМА.

Ҳодисаи ҷудогонаи талаби пешниҳоди раводид барои шахсони воқеии яке аз тарафҳо ва набудани чунин талабот нисбати тарафҳои дигар, ки аз ӯҳдадориҳои мушаххас бар меоянд, ҳамчун ботил ва ё коста шудани имтиёзот бояд маънидод карда нашаванд.

## ЭЪЛОМИЯИ МУШТАРАК ОИД БА МОДДАИ 39-УМИ ИН СОЗИШНОМА

Бо мақсади ба имзорасии Созишномаи мазкур тарафҳо розианд, ки мафҳумҳои «моликияти ақлӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ», ки бахусус маънои ҳуқуқи муаллифиро дар бар мегирад, ҳуқуқи муаллифро ба барномаҳои компютерӣ, ҳуқуқ ба патент, лоиҳаҳои саноатӣ, номгӯи ҷуғрофӣ, аз ҷумла, номҳои аслӣ, нишонаи молӣ, ва нишонаи хизматӣ, топографияи ноҳияҳои шомил, ва инчунин рақобати гайриқонунӣ мувофиқи Моддаи 10 Конвенсияи Париж оид ба ҳимояи моликияти саноатӣ ва ҳимояи маълумоти махфӣ оид ба ноу-хау эмин бояд дошт.

## ЭЛОМИЯИ МУШТАРАК ОИД БА МОДДАИ 94-УМИ ИН СОЗИШНОМА

1. Бо мақсади шарҳи дуруст додан ва истифодаи амалии Созишномаи мазкур тарафҳо ба мувофиқа меоянд, ки мафҳуми «дар ҳолати зарурати ҳатмӣ», ки шомил бо моддаи 94-уми Созишнома аст, маънои ҷиддӣ хароб кардани Созишнома аз ҷониби яке аз тарафҳоро дорад. Ҷиддӣ хароб кардани шартҳои Созишнома мазмуни зерин дорад:

а) даст кашидан аз Созишнома хилофи меъёрҳои умумии ҳуқуқии байналмилалӣ,

ва ё

б) ҷиддӣ хароб кардани унсурҳои муҳими Созишнома, ки дар Моддаи 2 баён шудаанд.

2. «Чораҳои дахлдор» мувофиқи моддаи 94 ҳамчун чораҳои дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ қабулшуда аз ҷониби тарафҳо шинохта мешавад. Агар як Тараф дар ҳолати таъҷили махсус чораҳои дар Моддаи 94 пешбинӣ шударо истифода барад, Тарафи дигар метавонад аз тартиботи дахлдор ба ҳалли мунокиша истифода барад.

# ЭЪЛОМИЯИ
# КОМИССИЯ ВА ШУРОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ОИДИ МАСЪАЛАҲОИ БОЗГАШТ ВА ҚАБУЛИ ДУБОРАИ МУҲОҶИРОНИ ҒАЙРИҚОНУНӢ (МОДДАИ 70)

Моддаи 70 дар мавриди бастани созишномаҳо оиди қабули дубораи муҳоҷирони ғайриқонуни бидуни таҳрифот ба тафқиқоти дохилии ваколатҳо миени Иттиҳоди Аврупо ва Давлатҳои аъзои он истифода мешавад.

# МУКОТИБА МИЁНИ ИТТИҲОД ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИДИ ТАЪСИСИ ШИРКАТҲО

AF/TJ/CE/EL/tj 1

А. Нома аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мӯҳтарам ……

Ифтихор аст ба ман тибқи Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ, ки ба рӯзи 16 декабри соли 2004 дар ш. Брюссель тасдиқ шуда аст, ба Шумо бирасонам, ки:

Чунонки ҳангоми гуфтушунидҳо ман таъкид карда будам, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баъзе истисноҳо розиаст, ки ба ширкатҳои Иттиҳод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд ва ба фаолияти худ шурӯъ кардаанд, режими имтиёздор муҳайё кунад. Ман чунин тавзеҳ дода будам, ки ин иқдом ифодагари иродаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то ҳадди охирин мусоидат кардан ба таъсиси ширкатҳои Иттиҳод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз ин рӯ, ман метавонам тасдиқ кунам, ки аз рӯзи тасдиқи матни Созишномаи мазкур то санаи эътибор пайдо кардани муқаррароти марбути таъсиси ширкатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиҷ иқдомоте ё қароре содир нахоҳад кард, то вазъияте ба вуҷуд биоварад, ки дар нисбати он шароите, ки то тасдиқ шудани Созишномаи мазкур буд, битавонад шароити табъиз эҷод кунад ё шароити табъизиеро барои ширкатҳои Иттиҳод дар муқоиса бо ширкатҳои тоҷикӣ ё кишварҳои дигар тақвият бидиҳад.

Ман аз Шумо сипозгузор Хоҳам буд, агар Шумо гирифтани номаи мазкурро тасдиқ мекардед».

Бо изҳори ғояти эҳтиром,

Аз ҷониби

Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Б. Нома аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо

Мӯҳтарам .......

Аз Шумо хеле сипосгузорам барои номае, ки бад-ин зайл нигошта шуда аст:

«Ифтихор аст ба ман тибқи Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ, ки ба рӯзи 16 декабри соли 2004 дар ш. Брюссель тасдиқ шуда аст, ба Шумо бирасонам, ки:

Чунонки ҳангоми гуфтушунидҳо ман таъкид карда будам, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баъзе истисноҳо розиаст, ки ба ширкатҳои Иттиҳод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд ва ба фаолияти худ шурӯъ кардаанд, режими имтиёздор муҳайё кунад. Ман чунин тавзеҳ дода будам, ки ин иқдом ифодагари иродаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то ҳадди охирин мусоидат кардан ба таъсиси ширкатҳои Иттиҳод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз ин рӯ, ман метавонам тасдиқ кунам, ки аз рӯзи тасдиқи матни Созишномаи мазкур то санаи эътибор пайдо кардани муқаррароти марбути таъсиси ширкатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиҷ иқдомоте ё қароре содир нахоҳад кард, то вазъияте ба вуҷуд биоварад, ки дар нисбати он шароите, ки то тасдиқ шудани Созишномаи мазкур буд, битавонад шароити табъиз эҷод кунад ё шароити табъизиеро барои ширкатҳои Иттиҳод дар муқоиса бо ширкатҳои тоҷикӣ ё кишварҳои дигар тақвият бидиҳад.

Ман аз Шумо сипозгузор Хоҳам буд, агар Шумо гирифтани номаи мазкурро тасдиқ мекардед».

Ман расидани номаро тасдиқ мекунам.

Бо изҳори ғояти эҳтиром,

Аз ҷониби

Иттиҳоди Аврупо